Ба ҳуқуқи дастнавис

УДК:811.21/22
ББК:81.2 (2.Т)
С-14

**САИДОВА САЙЁРА ГАДОҲМАДОВНА**

# ДИАЛЕКТИЗМҲОИ ЛЕКСИКӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ОНҲО ДАР ЭҶОДИЁТИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Душанбе – 2022**

Диссертатсия дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Исмоилов Шамсулло – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода**

**Мушовири илмӣ:** **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна** – доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии МДТ "Филиали Донишгоҳи милии таҳқиқотии технологӣ "МИСиС " дар шаҳри Душанбе"

**Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** **Институти забон ва адабиёти Рӯдаки АМИТ**

Ҳимояи диссертатсия 6-уми октябри соли 2022 соати 15:$^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 10-и ДМТ, толори шурои олимони факултети филологияи тоҷик, №503) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www tnu tj дар китобхонаи маркази Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат "____" ________________ соли 2022 фиристода шуд.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ҷӯраева М. Р.**

# МУҚАДДИМА

Таҳқиқоти мазкур ба диалектизмҳои лексикӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода бахшида шудааст. Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи забони асари бадеӣ аз наср шуруъ гардид, ки бунёдгузори он Н. Маъсумӣ шинохта шудааст. Ӯ аввали солҳои 50-уми асри XX забон ва услуби повести С. Айнӣ «Марги судхӯр»-ро мавриди пажӯҳиш қарор дод ва ин таҳқиқот дар шакли як асари мукаммал соли 1959 ба табъ расид. Дар ҳудуди солҳои 60-70 асри XX оид ба забони романи «Одамони ҷовид»-и Р. Ҷалил Р. Ғаффоров, забон ва услуби Ҳаким Карим Б. Камолиддинов асарҳо эҷод кардаанд.[1] Забон ва услуби повести «Одина»-и С. Айнӣ аз ҷониби Х. Ҳусейнов таҳқиқ карда шуд.[2] И. Ҳасанов лексика ва фразеологияи романи Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ», Ҳ. Юсупов хусусиятҳои лексикии забони осори С. Айниро дар маҷмуъ, М. Юсупова фразеологияи романи С. Айнӣ «Дохунда», М. Холов лексикаи «Дохунда»[3]-ро ба риштаи таҳқиқ кашиданд. Дар ду даҳсолаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар иртибот ба хусусиятҳои лингвистии асарҳои Ф. Муҳаммадиев Т. Шокиров, вазифаҳои услубии унсурҳои лаҳҷавӣ дар асарҳои Ҷ. Икромӣ Ш. Раҳимова, ҷиҳатҳои маъноӣ-услубии синонимҳои лексикӣ дар сегонаи Ҷ. Икромӣ «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» Н. Ҳикматуллоев, вижагиҳои лексикӣ-услубии насри таърихӣ зимни эҷодиёти С. Улуғзода М. Олимҷонов рисолаҳои номзадӣ дифоъ карданд.[4] Вале таҳқиқи забони назм аз охири солҳои 70-уми асри XX оғоз ёфт. Ба ин кор нахуст А. Абдуқодиров икдом намуд, ки мавзуи таҳқиқоти ӯро забони назми М. Турсунзода ташкил медиҳад.[5] Дар ҳамин давра забону услуби шоирони маорифпарвар бо саъйи С. Сабзаев ба таҳқиқ гирифта шуд.[6] Дар аввали асри XXI китобҳои Қ. Мухторӣ ва Ш. Исмоилов дар иртибот ба вижагиҳои лексикиву услубии ашъори Рӯдакӣ ва достони «Мотами

---

[1] Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси маводи романи "Одамони ҷовид") / Р.Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1996. – 223 с.; Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон,1967. – 185 с.

[2] Ҳусейнов Х. Забон ва услуби "Одина"-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.

[3] Хасанов И. Лексика и фразеология романа Джалола Икроми «Духтари оташ»: Автореф… дис… канд…филол… наук / И.Хасанов. – Душанбе, 1966. – 24 с., Юсупов Х. Лексические особенности языка произведений Садриддина Айни: Автореф… дис… канд…филол… наук / Х.Юсупов. – Душанбе, 1971. – 22 с; Юсупова М. Фразеология романа С. Айни "Дохунда": Автореф… дис… канд…филол… наук / М.Юсупова. – Душанбе, 1972. – 23 с., Холов И. Лексика романа "Дохунда" Садриддина Айни: Автореф… дис… канд…филол… наук / И.Холов. – Душанбе, 1972. – 22 с.

[4] Эшниёзов М. Шеваи ҳардурӣ / М. Эшниёзов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 230 с.; Раҳимова Ш. С. Диалектные элементы и их стилистические функции в художественной литературе (на основе произведений Джалола Икроми): Автореф… дис… канд…филол… наук / Ш.С. Рахимова. – Душанбе, 1992-25с. Хикматуллоев Н. Семантико-стилистические особенности лексических синонимов в трилогии Джалола Икроми «Двенадцать ворот Бухары»: Автореф… дис… канд…филол… наук / Н. Хикматуллоев. – Душанбе, 1993. – 15 с., Олимджонов М. О Лексико-стилистические особенности исторической прозы (на материале творчество С. Улугзаде): Автореф… дис… канд…филол… наук / М. О. Олимджонов. – Душанбе, 2002. – 23 с.

[5] Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Адбуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1988. – 124 с.

[6] Сабзаев С. М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.

сафед»-и Гулрухсор аз чоп баромаданд.[7] Инчунин Ю. Нурмаҳмадов оид ба категоряҳои лексикӣ ва хусусиятҳои услубии ашъори Лоиқ Шералӣ, Ҷ. Саидова зимни истифодаи диалектизмҳо дар асарҳои А. Самад рисолаи номзадӣ ҳимоя намуданд.[8]

Чунон ки мебинем, то имрӯз хусусиятҳои луғавӣ ва услубии осори ҳама адибони тоҷик ҳаматарафа таҳқиқ нашудаанд. Аз ҷумла, вижагиҳои услубии назму насри Б. Раҳимзода низ. Ҳол он ки бе омӯзиши пурраи луғат, ҷиҳатҳои грамматикӣ ва услубии асарҳои назмии адибони шинохтаи солҳои 30-80 асри XX бе нишон додани маҳорати онҳо дар бобати вожагузиниву вожасозӣ имконияти натиҷагирӣ аз вазъи рушду таҳаввулоти забони меъёрии тоҷикӣ дар ҳамон давраи таърихӣ, ки инро раванди имрӯзаи тараққиёти забоншиносии тоҷик вобаста ба мақоми давлатӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ талаб менамояд, ба миён наховад омад. Маҳз ҳамин тарафи масъала зарурат пеш овард, ки диалектизмҳои лексикии осори Б. Раҳимзодаро ба сифати як рисола мавриди пажӯҳиш қарор диҳем.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Забони миллии тоҷикӣ дорои ду шоха аст: забони адабӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ, ки миёни онҳо робитаи ногусастанӣ ҷой дорад. Забони адабӣ дар марҳилаҳои аввали такомули худ аз лаҳҷаҳо унсурҳои луғавӣ ва қолабҳои грамматикиро хеле зиёд қабул карда, ҳудуди интишор ва хусусиятҳои услубии онҳоро тавсеа мебахшад. Воҳидҳои луғавӣ ва грамматикии лаҳҷаҳо ба забони адабӣ бо роҳҳои гуногун ворид мешаванд, ки маъмултарини онҳо матбуоту нашриёт, радиову телевизон, адабиёти бадей, нутқи саҳнавии аҳли ҳунар мебошанд.

Бе таҳқиқи ҳаматарафаи сарвати луғавию грамматикии асарҳои адибони тавонои давр ва бе натиҷагирӣ аз имконоти услубии забони эшон муайян намудани раванди таҳаввули забони меъёрии тоҷикӣ дар ин ё он давраи таърихии рушди ҷомеа имконнопазир аст. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, диалектизмҳои лексикиро дар эҷодиёти яке аз адибони шинохтаи тоҷик Б. Раҳимзода, ки ин навъи вожаҳо дар назму насри ӯ бори махсуси услубӣ мекашанд, мавриди пажуҳиш қарор додем. Актуалӣ будани мавзуъ аз ин ҷо бармеояд, ки:

1. Мавзуи мазкур дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Бинобар он омӯзиши он имкон медиҳад, ки чандин масъалаи марбут ба диалектизмҳо, ҷою мавриди истифодаи онҳо дар асарҳои бадей роҳи ҳалли амиқи худро ёбанд.

2. Дар рушди забони адабӣ мавқеи адабиёти бадей калон аст, чунки дар адабиёти бадей на танҳо калимаҳои меъёрӣ, балки унсурҳои фаъоли

---

[7] Мухторӣ Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2006. – 129с., Исмоилов Ш. Як омили халқияти забони асари бадей / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2012. – 218 с.

[8] Нурмаҳмадов Ю. Ш. Лексические категории и их стилистические особенности в творчестве Лоика Шерали: Автореф... дис... канд...филол... наук / Ю. Ш. Нурмаҳмадов. – Душанбе, 2007. – 26; Саидова Ҷ. С. Диалектизмҳо ва хусусиятҳои усубии онҳо дар асарҳои Абдулҳамид Самад: Автореф... дис... ном...илм... филол / Ҷ. С. Саидова. – Душанбе, 2019. – 13 с.

забони зиндаи халқ ба ҳам омада, имкониятҳои услубии онро пурра месозанд. В. В. Виноградов қайд мекунад, ки «…забони адабиёти бадеӣ барои мукаммал намудан ва тараққӣ додани забони меъёрӣ шароити мусоид фароҳам меорад».[9]

3. Зарурати истифодаи унсурҳои лаҳҷавӣ дар услуби бадеӣ аз он ҷо сар мезанад, ки лаҳҷаҳо дорои имкониятҳои фаровони услубӣ буда, он имкониятҳо маҳз дар адабиёти бадеӣ ба зуҳур меоянд. Ин ҷараён махсусан дар давраи демократӣ намудани забони адабӣ хеле фаъол мегардад, зеро дар ҳамин давра забони меъёрӣ ба забони зиндаи халқ наздик мешавад ва аз он бештар ғизо мегирад. Лаҳҷаҳо ҳастии худро то он вақт нигоҳ медоранд, ки ҳамчун сарчашма барои рушди забони адабӣ хизмат карда метавонанд. Вале аҳли қалам бояд донанд, ки на ҳама унсурҳои забони зиндаи халқ ғановати забони адабиро таъмин месозанд. «Калимаҳои маҳаллӣ дар мавриде забони адабиро мукаммал месозанд, ки пурмаъно, хушоҳанг ва ба ҳама фаҳмо бошанд»,[10] аз ҷиҳати услуб нисбат ба муодилҳои адабии худ бартарӣ дошта бошанд.

4. Диалектизмҳо қувваи эмотсионалӣ-экспрессивии асари нависанда ва таъсири сухани қаҳрамонҳои ӯро зиёд мекунанд ва дар забон силсилаи синонимҳоро ба вуҷуд меоранд. Ин раванд дар мавриде дуруст анҷом меёбад, ки адиб аз калимаҳои лаҳҷавӣ беҳтарини онҳоро ҷудо карда тавонад, зеро, чунон ки қайд гардид, на ҳама диалектизмҳо, балки онҳоеро бояд умумӣ намуд, ки ба талаботи меъёрҳои забони адабӣ созгоранд. Дар ин бобат устод С. Айнӣ чунин мегӯяд: «…дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳое ҳастанд, ки классиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани ин гуна калимаҳо, онҳо ба дараҷае классиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимаи мурда» мепиндоранд ва дар архаизм медароранд …Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст».[11]

5. Аҳли қалам аз забони зиндаи халқ вобаста ба ҳадафи эҷодӣ, маҳорати адабӣ ва мавзуи интихобкардаи худ истифода мебаранд. Бамаврид кор гирифтани адибон аз васоити образноки сухан – киноя, маҷоз, идиома, зарбулмасалу мақолҳо, ки аз забони зиндаи халқ манбаъ мегиранд, аз як тараф, арзиши ғоявию бадеии асарро баланд бардорад, аз тарафи дигар, таркиби луғавии забони адабиро такмил мебахшад. Бо вуҷуди ин нависандагон бояд дар назар дошта бошанд, ки аз истифодаи меъёрҳои маъмул ва ҷории забони адабии давр ҳуқуқи дурӣ гирифтан надоранд, зеро «…бе забони устодона коркардашудаи адабӣ мазмуни баланди ғоявӣ, таъсири амалкунандаи эстетикӣ ва мувофиқати пурраи шаклу мазмунро тасаввур кардан душвор аст».[12]

---

[9] Виноградов В. В. Проблемы исторического взаимодействия литературного языка и художественной литературы // В. В. Виноградов // Вопросы языкознания. – №4. – М., 1952. – С. 3.

[10] Паустовский К. Садбарги заррин / К. Паустовский. – Душанбе: Ирфон,1983. – С. 98.

[11] Айнӣ С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис / С.Айнӣ // Шарқи сурх. – №11. – 1948. – С.39.

[12] Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – С. 262.

6. Раванди истифодаи диалектизмҳо дар забони адабӣ ҳамеша ба як минвол давом накардааст. Сабаб дар ин аст, ки муносибати забони адабӣ ба лаҳҷаҳо пайваста тағйир меёбад. Л. И. Сквортсов таъкид менамояд, ки «...системаи меъёрҳои забони адабӣ ва васоити муҳимми ифода асоси забони зиндаи халқро дар худ нигоҳ медоранд ва чун анъана аз як давра то давраи дигар, аз як насл то насли дигар тағйир меёбанд. Ин раванд, умуман, тибқи қоидаи маъмули табдили пайдарпайии марҳилаҳои гузариши вожаҳо аз ҳолати гуфтугӯӣ ба ҳолати адабӣ-китобӣ давом меёбад».[13] Аз ҷониби дигар, муносибати аҳли адаб ба забони зиндаи халқ ба тарзи гуногун сурат мегирад, яъне, агар иддае ба ин шакли забон эҳтиёткорона муносибат карда, аз захираи луғавии он унсурҳои муносибро дар асарҳои худ ба кор андозанд, қисми дигар эҳтиёткор нестанд, байни воҳидҳои ҷойизу ноҷойизи лаҳҷавӣ тафовут намегузоранд ва онҳоро бе зарурати услубӣ истифода мебаранд. Дар натиҷа покизагӣ ва фасоҳати забони асари бадеӣ халал меёбад. Аз ин сабаб муайян намудани ҷой, зарурати истифода ва вазифаҳои услубии диалектизмҳо аз мавзуъҳои бахши услубшиносӣ ва маданияти сухан ба шумор меравад.

7. Пас аз истиқлолияти Тоҷикистон дар забони адабии тоҷикӣ раванди табодули калимаҳои бегона, услубан харобу бетаровати дар асоси захираҳои дохилии худи забони тоҷикӣ босуръат идома пайдо кард. Чун дар забони осори Б. Раҳимзода вожаҳои нодири лаҳҷавӣ, ки дорои обуранги бадеӣ буда, аз нигоҳи услуб дар сатҳи баланд қарор мегиранд, ба кор рафтаанд ва бо ин роҳ ӯ намунаи беҳтарини истифода аз сарвати забони зиндаи халқро намоиш медиҳад, метавонанд, боиси истифодаи дигар адибон қарор гирифта, хусусияти умумитоҷикӣ касб кунанд.

8. Муайян намудани навъҳои диалектизмҳо, зарурат ва мавриди истифодаи онҳо дар услуби бадеӣ, зуҳуроти маъниҳои нав ва тобишҳои маъноӣ дар онҳо вобаста ба тақозои услуби нигорандагии Б. Раҳимзода ба мутахассисон ёрӣ хоҳад расонид.

9. Таҳқиқи мавзуи интихобшуда дар эҷодиёти Б. Раҳимзода имконият фароҳам меорад, ки мундариҷа, ғоя, хусусиятҳои милливу бадеии назми шоир ва мароми эҷодии ӯ дуруст муайян карда шаванд.

10. Раванди рушди забони адабии тоҷик, муносибати он бо забони зиндаи халқ аз нимаи дуюми солҳои сӣ то ибтидои солҳои ҳаштоди асри XX дар эҷодиёти Б. Раҳимзода таҷассум ёфтааст. Аз ин рӯ ба асос гирифтани маводи асарҳои ӯ зимни таҳқиқи хусусиятҳои гуногуни диалектизмҳо дар назму насри замони шӯравии тоҷик аз охири солҳои сӣ то ибтидои солҳои ҳаштоди асри XX ба ҳамин хотир аст. Аз дигар тараф, омӯзиши ин мавзуъ барои хубтар муайян намудани бурду бохти эҷодӣ ва муносибати адиб ба забони меъёрӣ ва услуби бадеӣ имконияти

---

[13] Скворцов Л. И. Теоретические основы культура речи / Л. И. Скворцов. – М: Наука, 1980. – С. 230.

зиёдтаре фароҳам меоварад. Дар иртибот ба ин масъала Д. Н. Шанский чунин менависад: «Натиҷагирӣ аз забони адиб бояд зимни дарку фаҳми пурраи он меъёрҳои умумизабонӣ, ки дар ҳамон як давраи муайяни таърихӣ амал мекунанд, сурат гирад».[14]

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Маълум аст, ки дар забоншиносии тоҷик забони наср нисбат ба назм бештар омӯхта шудааст. Сабаб дар он аст, ки барои пурратар акс кунонидани вазъияти забони адабӣ, махсусан хусусиятҳои синтаксисӣ ва услубии он, «имконияти наср бештар ва майдони амалиёти он фарохтар аст».[15] Албатта, ин чунин маънӣ надорад, ки таҳқиқи забони назм камаҳамият ё беаҳамият бошад. Ин тавр нест, зеро забони назм ҳам ҳамеша дар тағйироту такомулот қарор дорад ва бисёр нозукиҳои забони меъёриро дар худ таҷассум месозад. Бинобар он имкон дорад, ки дар роҳи собит намудани меъёрҳои солими забонӣ ба муҳаққиқон маводи даркорӣ диҳад. Ин аст, ки мураттибони луғатҳо дар маънидоди калимаҳо ва тобишҳои маъноиву услубии онҳо аз фардбайтҳо ва порчаҳои назмӣ истифода мебаранд. Ин тарзи кор дар асрҳои миёна хеле ривоҷ ёфт. Қ. Мухторӣ менависад, ки «Дар тамоми луғатҳое, ки тафсири маънои луғавии калима, тобишҳои услубии он зикр мегарданд, барои исботи фикр асосан ба порчаҳои назмӣ рӯ оварда мешуд».[16] Ғайр аз ин, муҳаққиқон зимни таҳқиқи масоили адабиётшиносӣ оид ба забони асарҳои назмӣ нуқтаи назарашонро баён мекардагӣ шуданд. Намунаи ин қайдҳои алоҳидаи олимони адабиётшинос доир ба забони осори Боқӣ Раҳимзода мебошад. Б. Худойдодов оид ба чанд паҳлӯи шеъри Б. Раҳимзода изҳори андеша намуда, дар хусуси забони ӯ чунин менависад: «...ҳанӯз дар солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ Боқӣ Раҳимзода таҷрибаи шоирӣ пайдо кард, суханаш беш аз пеш суфтаю пухта мешуд».[17]

Дар назми Б. Раҳимзода шукӯҳ ва шаҳомати сухан хеле равшан эҳсос мешавад. Хусусан, сухани сода, тоза ва мувофиқ ба дарку фаҳми хонанда дар шеъри ӯ ҷойгаҳи худро дорад. Ба ин маънӣ М. Қаноат дар пешгуфтори маҷмуаи ӯ «Шаҳчанор» менигорад, ки «Таркиби забону баён, мавҷи эҳсосот ва тафаккур дар ашъори устод Боқӣ Раҳимзода ҳамеша наву тоза аст».[18] Ин аз он ҷо сар мезанад, ки Б. Раҳимзода дар бобати интихоби вожаҳо маҳорати хуб дошт. Ӯ адабиёти классикӣ ва забони зиндаи мардумро меомӯхт ва беҳтарин дурдонаҳои суханро аз он ҷо ҷӯё мешуд. М. Турсунзода қайд менамояд, ки «Шоир Боқӣ Раҳимзода классиконро бисёр нағз медонад. Таҷрибаи классикӣ ба дасти ӯ аслиҳаи

---

[14] Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – С. 9.
[15] Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 35.
[16] Мухторӣ Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ.Мухторӣ. – Душанбе, 2006 – С. 4.
[17] Худойдодов Б. Шоир ва айёми мо / Б. Худойдодов. – Душанбе: Ирфон, 197 6. – С. 35.
[18] Қаноат М. Пир, мураббӣ ва муаллим / М. Қаноат "Пешгуфтор ба маҷмуаи Боқӣ Раҳимзода " Шаҳчанор". – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 6.

тавоное додааст, ки ӯ бо ёрии ин аслиҳа сухан ва вазну фикри шеърро озодона ва ҷасурона ифода мекунад».[19]

Шеъри Б. Раҳимзода хеле равон ва дилчасп садо медиҳад. Равонӣ ва дилписандии шеър ба маҳорати шоир зимни ёфтани унсурҳои суханзеб ва дар ҷойи худ ба кор андохтани онҳо вобастагӣ дорад. Б. Раҳимзода аз ҳамин ҳунар бархурдор буд. Ӯ вожаҳои мақбулро, чунон ки гуфта шуд, аз забони халқ интихоб мекард. Р. Амонов ҳаминро ба мушоҳида гирфта, мегӯяд: «Забони Боқӣ Раҳимзода бой ва дилчасп мебошад. Вай барои аниқ ва равшан тасвир намудани муҳимтарин хусусиятҳои предмет ва воқеаҳо аз забони бойи умумихалқӣ ба хубӣ истифода мебарад».[20]

Дар тақвияти андешаҳои М. Турсунзода ва Р. Амонов С. Табаров таъкид мекунад, ки «Эҷодиёти ӯ (Б. Раҳимзода – С. С.), пеш аз ҳама, аз сарчашмаҳои гаронбаҳои адбиёти классикӣ ва адабиёти даҳонакии халқи тоҷик об мехӯрад…»[21].

Шоир дар шеърҳояш образҳои зинда офарида, кайфияти рӯҳӣ ва маънавии онҳоро кӯшиш мекунад, ки ҳаматарафа нишон диҳад. Ҳамаи ин, албатта, зимни коргирӣ аз суханҳои равон ва ҷозибанок ба даст меояд. «Ӯ (Б. Раҳимзода – С. С.) шеърро равон мегӯяд, печдарпечии мафҳуми тасвирҳо ба услуби шоирии вай бегона аст. Суханони вай мисли чашмаҳои кӯҳистон аз қаъри дилаш ҷӯш зада баромада, маҳин, зебо ҷорӣ мегарданд» - гуфтани Раҳим Ҳошим ба ҳамин муносибат аст.[22]

Шеъри Б. Раҳимзода аз нигоҳи забон пурмуҳтаво, муассир ва образнок буда, ба дарки мардум созгор офарида мешавад. Ӯ ҳар як калимаро, ки аз он шеър офаридан мумкин аст, бо ҳамаи тобишҳои маъноию услубӣ таҳлил мекунад ва сипас мавриди истифода қарор медиҳад. Дар ин росто такя ба дастури зерини устод С. Айнӣ мекунад: «Шоир бояд дар иншо кардани шеъре на танҳо робитаи сар то пои шеърро, на танҳо ҳар як банд ё байт ё мисраъро мулоҳиза намояд ва дар болояш кор кунад, дар айни замон бояд ҳар як калимаи ҷудогонаро аз назар гузаронад ва робитаи маънавӣ ва оҳанги лафзии онро ба мулоҳиза гирад, на танҳо як бор, балки борҳо ин корро такрор намояд».[23]

Б. Раҳимзода шоири пурандеша аст, сергапиро дар баёни андеша қабул надорад, ба суханпардозии хушку бемавқеъ роҳ намедиҳад. Ин аст, ки суханаш ҳамеша ҳадафнок, мухтасар ва нишонрас мебарояд. Воқеан, «Кӯтоҳ, пурмаъно ва таъсирбахш навиштан дар натиҷаи ҷустуҷӯйи зиёд, меҳнати бурдборона, гаштаю баргашта кор кардани забони асар ба даст медарояд»[24].

---

[19] Турсунзода М. Замон ва нависанда / М. Турсунзода // Шарқи сурх, 1961. – №7. – С. 200.

[20] АмоновР. Дар бораи назми Боқӣ Раҳимзода / Р.Амонов // Шарқи сурх, 1954. – №7. – С.102.

[21] Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – Қ. 2. – С.163.

[22] Ҳошим Р. Пешгуфтор / Дар маҷмуаи Боқӣ Раҳимзода “Роҳи тайшуда” / Р.Ҳошим. – Душанбе, 1966. – С. 8.

[23] Айнӣ С. Мактуби С. Айнӣ ба адибони тоҷик / С. Айнӣ // Шарқи сурх. – Сталинобод, 1956, №1. – С . 100.

[24] Ғаффоров Р. Нависанда вазабон / Р.Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 12.

Аз ибтидои фаъолияти хеш Б. Раҳимзода ба боло рафтани маҳорати эҷодияш кӯшиш намуда, дар андак муддат ба муваффақиятҳо ноил гардид. С. Табаров навиштааст, ки «Дар ашъори Боқӣ Раҳимзода ҷустуҷӯҳои бомуваффақияти идеявӣ-тематикӣ ва услубӣ-бадеӣ, аз як тараф, ва истифодаи жанру намудҳои маълуму нави шеърӣ ва забону санъати бадеии оммафаҳм, аз тарафи дигар, сабаби пешравии минбаъдаи эҷодиёти ӯ мегарданд».[25]

Б. Раҳимзода солҳои 30-юми асри XX ба иншои шеър оғоз карда бошад ҳам, мақоми ӯ ҳамчун шоир дар адабиёт пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) маълум гардид. Дар ибтидо забони шеъри ӯ чандон хушсадо набуд, аммо «Бо гузашти айём сухани бадеии Б. Раҳимзода беш аз пеш аз такрорҳои ноҷойиз ва калимаю таъбирҳои беҳусну садо озод мегардад ва ба хушоҳангӣ ва салосату балоғати бадеӣ соҳиб мешавад».[26]

Бояд гуфт, ки дар асари бадеӣ ҳар як калима ҷойгаҳи худро дорад. Шеъри хуб он аст, ки ҷойи ягон калимаи онро табдил додан мумкин нест. Шеъри Б. Раҳимзода ҳамин гуна хусусият дорад. Дар шеъри ӯ ягон вожа, таркибу ибораe дучор намеояд, ки бори маънӣ накашад ва ё ягон тобиши маъноию услубӣ надошта бошад. А. Сатторов чунин менависад: «Дили дӯстхоҳу дӯстпарвари муаллим Боқӣ Раҳимзода, ки поку беғаш аст, шеърашон ҳам софу беғубор баромадааст. Дар он ҳеҷ гуна торикиву мавҳумӣ нест. Ҳама чиз фаҳмо ва дастрас аст. Аз он калимаву таъбиреро, ки номуайян ва маънию мавзуеро, ки носаҳеҳ бошад, барои имтиҳон ҷӯед ҳам, намеёбед».[27]

Боқӣ Раҳимзода дар лутфи сухан беҳамто буд. Лутфи ӯ чун суханвар зимни шӯхиву пурмеҳриаш нисбат ба мусоҳиб ба зуҳур меомад, ки ба ин восита шеъраш таровати тоза пайдо намуда, қувваи муассирии он меафзуд. Дар ин маврид А. Сатторов мегӯяд: «Лутфи сухани Боқӣ Раҳимзода на танҳо гуфтаҳои худи ӯро зеб медиҳад, балки ба бозёфти шеъри имрӯзаи тоҷик табдил ёфтааст ва аз ҷумлаи хизматҳои арзандаи муаллиф дар пешрафти адабиёти мо мебошад».[28]

Б. Раҳимзода дар интихоби сухан, ёфтану дар ҷойи худ ба кор андохтани вожаҳои мувофиқ, ки услуби хоси нигорандагии ҳар як адиб маҳз дар ҳамин бобат ба зуҳур меояд, маҳорат дорад. Ӯ аз миёни калимаҳои гунонгунмаъно воситаҳои даркориро ҷудо карда мегирад, диалектизму архаизмҳоро вобаста ба мазмуну мундариҷаи асар мавриди корбаст қарор медиҳад ва дар ин асос услуби фардии худро сайқал мебахшад.

Дар ҳақиқат, услуби шеърнависии Б. Раҳимзода қавист. Ин аз он ҷиҳат аст, ки дар назми ӯ унсурҳои забонӣ бо мазмуну мундариҷаи асарҳояш дар иртиботи қавӣ қарор мегиранд. Пурвазн ва пурғунҷойиш

---

[25] Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – Қ. 3. – С. 98.

[26] Нуров С. Саховати дилу сухан / С. Нуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 22.

[27] Сатторов А. Нуқтаи пайванд / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 22.

[28] Сатторов А. Нуқтаи пайванд / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – С. 40.

будани унсурҳои лафзӣ, ҷудонопазир омадани ҷузъҳои таркиби таъбирот, равшан ифода ёфтани аҳдофи муаллиф дар шеър, баланд будани ҷиҳати бадеӣ-эстетикии забон – ҳама аз хусусиятҳое мебошанд, ки махсус ба ашъори Б. Раҳимзода дахл доранд. Бо вуҷуди ин, агар баъзе ишораҳоеро, ки муҳаққиқони адабиёт зимни таҳқиқи ин ё он паҳлуи эҷодиёти Б. Раҳимзода оид ба забону услуби поэтикаи ӯ дар омади сухан баён кардаанд, истисно намоем, метавон афзуд, ки то ҳол чунин як асари алоҳида, ки таҳқиқи тамоми мавзуъҳои марбут ба луғат ва услубу тарзи нигориши ӯро дар шеър аз мавқеи забоншиносӣ фаро гирифта тавонад, ба майдон наомадааст. Мо низ дар ин рисола танҳо ба таҳқиқи хусусиятҳои услубии диалектизмҳои лексикии эҷодиёти Б. Раҳимзода рӯй овардем.

Бояд қайд кард, ки аввалин мақолае, ки дар забоншиносии тоҷик ба таҳқиқи диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ бахшида шудааст, мақолаи Х. Ҳусейнов мебошад, ки дар он диалектизмҳои ҳикояҳои Ҳаким Карим мавриди таснифу таҳлил қарор дода шудаанд.[29] Инчунин Ш. Раҳимова доир ба истифодаи диалектизмҳо дар асарҳои Ҷ. Икромӣ рисолаи номзадӣ таълиф кард, ки фишурдаи он соли 1992 ба табъ расид. Дар ин фишурда муаллиф диалектизмҳои осори Ҷ. Икромиро аз рӯйи хел ва семантика ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо кардааст.[30] Муҳаққиқон Б. Шодиев соли 2012 дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикиву фразеологии очерку қиссаҳои Мутеулло Наҷмиддинов»[31], Н. Саидов соли 2014 «Хусусиятҳои лексикиву фразеологии ҳикояҳои Абдулҳамид Самад»[32] рисолаҳои номзадӣ дифоъ карданд ва як фасли кори илмии худро ба диалектизмҳои асарҳои публисистӣ ва бадеӣ бахшиданд. Баъдтар профессор Ҳ. Маҷидов дар китоби «Забони адабии муосири тоҷик» оид ба таснифи диалектизмҳо андешаҳои ҷолиб баён намудааст.[33] Соли 2019 фишурдаи рисолаи Ҷ. Саидова зери унвони «Диалектизмҳо ва хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои Абдулҳамид Самад» нашр гардид. Дар фишурда диалектизмҳои дорои тобишҳои эҳсосӣ, муассирӣ ва эстетикӣ, диалектизмҳои васеъистеъмол ва маҳдудистеъмол, хосса, семантикӣ ва этнографӣ таҳқиқ карда шудаанд[34].

---

[29] Ҳусейнов Х. Диалектизмҳо дар забони ҳикояҳои Ҳаким Карим / Х. Ҳусейнов // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе,1964. – С. 59.

[30] Рахимова Ш. С. Диалектные элементы и их стилистические функции в художественной литературе (на основе произведений Джалола Икроми): Автореф…дис… канд…филол…наук // Ш. С. Рахимова. – Душанбе, 1992. – С. 19.

[31] Шодиев, Б. Г. Лексико-фразеологические особенности очерков и рассказов Мутеулло Наджмиддинова: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / Шодиев Баходур Гозиевич. – Душанбе, 2012. – 21 с.

[32] Саидов, Н. С. Лексические и фразеологические особенности рассказов Абдулхамида Самада / Н. С. Саидов. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 252 с.

[33] Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Анҷумани Деваштич, 2007. – Ҷ.I. – С. 152 – 153.

[34] Саидова Ҷ. С. Диалектизмҳо ва хусусиятҳои услубии онҳо дар асарҳои Абдулҳамид Самад: Автореф...дис...ном... илм...филол. / Ҷ. С.Саидова. – Душанбе, 2019. – 31 с.

Чунон ки мебинем, дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи мухтасаре, ки муҳаққиқони адабиёт дар бобати забони шеъри Боқӣ Раҳимзода рӯйи қоғаз овардаанд, маҳорати сухансанҷиву сухансозии ӯро наметавонанд пурра дар бар гиранд. Ҳол он ки, агар доир ба забону услуби асарҳои Б. Раҳимзода, ки дар зарфи зиёда аз чил сол шеъри ӯ дар адабиёти тоҷик мавқеи калон дошт, асарҳои махсус таълиф нашаванд, ба таҳқиқ гирифтани раванди рушду такомули луғат ва меъёрҳои калимасозии забони адабии муосири тоҷикӣ дар ин давраи таърихӣ аз имкон берун аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда мусоидат менамоянд. Мавзуи мазкур як қисмати нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони муосири тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсад аз таълифи ин рисола ба таҳқиқ гирифтани навъҳои диалектизмҳои лексикӣ, унсурҳои иқтибосӣ, ки хусусияти маҳаллӣ касб кардаанд, вожаҳои меъёрӣ, ки дар таълифоти адиб тобишҳои махсуси услубӣ пайдо намудаанд, мебошад. Дар рисола воҳидҳои лаҳҷавӣ чун бахши ҷудонопазири луғати забони асари бадеӣ вобаста ба хусусиятҳои услубӣ, маъноӣ, мавзуӣ ва экспрессивӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вобаста ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои онро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

1. Ҷамъ намудану ба система даровардани диалектизмҳои лексикии асарҳои Б. Раҳимзода ва нишон додани хусусиятҳои маъноии онҳо.

2. Муайян кардани аломатҳои асосии диалектизмҳо, нишон додани вазифаҳои услубии онҳо дар адабиёти бадеӣ.

3. Дида баромадани роҳу усулҳои истифодаи диалектизмҳо дар забони осори Б. Раҳимзода.

4. Ба қайд гирифтани таҳаввулоти эҷодиёти адиб зимни ба кор андохтани васоити тасвир аз ҳисоби унсурҳои забони зиндаи халқ.

5. Гурӯҳбандӣ кардани диалектизмҳои лексикӣ аз ҷиҳати навъ, аниқ намудани ҷойи онҳо дар асарҳои Б. Раҳимзода чун воситаи муҳимми тасвир ва образсоз.

6. Дар забони осори Б. Раҳимзода ҷараёни рушди забони адабӣ аз охири солҳои сӣ то ибтидои солҳои ҳаштоди асри XX инъикос ёфтааст. Ҳамин ҳодиса водор сохт, ки дар иртибот ба эҷодиёти ӯ раванди рушду такомули забони адабии муосири тоҷикиро дар ҳамин давраи таърихӣ ба таҳқиқ гирем, зеро В. В. Виноградов дуруст қайд мекунад, ки «Дар забони адиб то ҷое вазъи забони давр таҷассум ёфта метавонад».[35]

---

[35] Виноградов В. В. Проблемы исторического взаимодействия литературного языка и художественной литературы / В. В. Виноградов // Вопросы языкознания. – №4. – М., 1952. – С. 3 – 28.

7. Диалектизмҳо нисбат ба унсурҳои меъёрӣ қувваи эҳсосӣ ва экспрессивию эстетикии сухани тасвирии адибро зиёдтар месозанд ва фардияти нутқи персонажҳоро хубтар таъмин менамоянд. Ҳамин рӯйдоди воқеӣ дар эҷодиёти Б. Раҳимзода низ ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ рафти таҳқиқ водор намуд, ки диалектизмҳои лексикии мухолиф, ғайримухолиф, хоссаву семантикӣ ва этнографиро дар осори ӯ мавриди пажуҳиш қарор диҳем.

**Объекти таҳқиқ.** Дар таълифи рисола аз маводи маҷмуаҳои шоир – «Кӯҳистони дурахшон» (1948), «Роҳи тайшуда» (1966), «Қиссаи кӯҳсор» (1970), «Асарҳои мунтахаб» (1975, Ҷ. 1), «Шеърҳо ва достонҳо» (Куллиёт, 1983, Ҷ. 1. 2), «Шаҳчанор» (2010) истифода карда шуд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Мавзуи рисолаи илмии мо “Диалектизмҳои лексикӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода” мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз инҳо иборат аст: омӯзиши вижагиҳои диалектизмҳои забони тоҷикӣ ҳамон вақт самаранок мегардад, **агар** дар матни асари бадеӣ он диалектизмҳое кор фармуда шаванд, ки барои аксари лаҳҷаҳо маълуманд; диалектизмҳои мушкилфаҳм истифода нагардад; меъёри истифодаи диалектизмҳо аз ҷониби нависандагон ва рӯзноманигорон ба назар гирифта шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар иртибот ба муҳтавои мавзуъ дар ҷараёни кор аз асарҳои бунёдии олимони машҳури ватаниву хориҷӣ чун В. В. Виноградов, Д. Н. Шмелёв, Г. О. Винокур, Н. М. Шанский, О. С. Ахманова, О. Б. Сиротина, А. М. Ефимов, Ф. П. Филин, А. А. Брагина, Л. И. Сквортсов, К. Паустовский, В. Н. Прохорова, Ф. П. Сороколетов, И. А. Оссоветский, М. И. Фомина, О. И. Блинова, В. С. Расторгуева, А. В. Калинин, Б. Н. Головин, Д. Э. Розентал, А. М. Теленкова, С. Айнӣ, А. Абдуқодиров, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Т. Шокиров, Ш. Исмоилов, Х. Ҳусейнов, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Раҳимова самаранок истифода гардид.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ доир ба забон, диалектология, навъҳои он, истифодаи меъёрии ин ин қисмати таркиби луғавии забон ташкил намуданд.

**Навгонии таҳқиқот.** Интихоби мавзуъ аз навгониҳои илмии таҳқиқот маҳсуб меёбад, чунки дар он диалектизмҳои лексикӣ, хелҳо ва ҷиҳатҳои услубии онҳо дар асарҳои Б. Раҳимзода бори аввал дар забоншиносии тоҷик дар шакли як рисолаи ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар рисола ногузир будани истифодаи диалектизмҳо, имкониятҳои семантикӣ, экспрессивӣ ва эмотсионалӣ пайдо кардани онҳо дар услуби бадеӣ дар заминаи маводи осори фақат як адиб ба таҳқиқ гирифта шудааст. Дар асоси маводи асарҳои назмию насрии Б. Раҳимзода дар рисола рафти тараққиёти забони адабии ҳозираи тоҷикӣ

аз охири солҳои сӣ то оғози солҳои ҳаштоди асри XX нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян карда шуд, ки Б. Раҳимзода дар роҳи эҷоди шеър муваффақиятҳои зиёд дорад, ки ҳамаи ин дар забон ва услуби баёни ӯ таҷассум ёфтаанд. Моҳирона истифода намудани шоир аз қабатҳои семантикии калимаҳо, диалектизмҳо, таъбирҳои халқӣ, дар ҷойи худ ба кор андохтани онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дар бобати чида гирифтани воҳидҳои нутқ ва дар мавридҳои муносиб истифода намудани онҳо маҳорати хуб дорад.

2. Маълум шуд, ки истифодаи унсурҳои лаҳҷавӣ дар осори шоир аз табиат ва рӯҳи халқӣ доштани эҷодиёти ӯ гувоҳӣ медиҳад. Б. Раҳимзода бо мақсади таъмини тобишҳои эмотсионалӣ-экспрессивии нутқ, ҷоннок ба қалам додани ҳодисаҳо, фардӣ кардани нутқи персонажҳо, умумӣ намудани баъзе унсурҳои лаҳҷавӣ ва ба намоиш гузоштани ғановати забони зиндаи халқ аз навъҳои гуногуни диалектизмҳо дар нутқи персонажҳо ва ҷо-ҷо дар тасвироти худ истифода кардааст.

3. Забони ашъори Б. Раҳимзода собит месозад, ки шоир дар рафти истифода аз васоити забонӣ ниҳоят эҳтиёткор аст ва ҷою мавриди ба кор бурдани онҳоро ба ҳисоб мегирад.

4. Муайян карда шуд, ки Б. Раҳимзода маҳорати забондонии худро дар ороиши сухан, пурра намудани ҷойҳои холии забони адабӣ зимни сохтану ба истифода додани калимаву ибораҳои зебо ва таркибу истилоҳоти меъёрзеб нишон додааст.

5. Собит гардид, ки саҳми Б. Раҳимзода дар роҳи ба вуҷуд овардани вожаҳои пуробуранги бадеӣ, шоирона ва образнок калон аст. Ӯ ба зуҳуроти калимаҳои ҳаммаъною ҳамгун, зидмаънову сермаъно чун омили муҳимми тасвир асос гузоштааст. Ҳамчунин калимаҳое, ки тобишҳои эмотсионаливу экспрессивӣ доранд, мароми эҷодии адибро на танҳо муайян мекунанд, балки қуввати тоза мебахшанд, низ дар таълифоти Б. Раҳимзода кам нестанд.

6. Истифодаи эҳтиёткоронаи адиб аз луғати забони тоҷикӣ, услубиёту меъёрҳои калимасозӣ ва қолабҳои ҷумлабандиву ибораороии он аз он дарак медиҳад, ки ӯ нисбат ба забони модарӣ, маънавиёт ва фарҳангу адабиёти миллаташ эҳтиром дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқи диалектизмҳои лексикӣ чун як қабати луғати осори Б. Раҳимзода, мавриди корбасти онҳо дар эҷодиёти шоир ва ба қайд гирифтани услуби баёни ӯ чун адиби солор дар марҳилаи кунунии инкишофи забоншиносии тоҷик, ки дар иртибот ба истиқлолияти Тоҷикистон торафт тавсеа ёфта, боздид аз мавзуъҳои нодирро тақозо месозад, аз аҳамияти илмиву амалӣ холӣ нест. Аҳамияти илмии онро ба таври зерин метавон бозгӯ намуд:

1. Таҳқиқи луғат ва хусусияҳои услубии осори Б. Раҳимзода дар бобати муайян намудани қабатҳои гуногуни луғати забони миллии

тоҷикӣ, омилҳои рушду таҳаввулоти меъёрҳои адабии он дар муддати зиёда аз чил сол ба забоншиносони баъдӣ кумак мерасонад.

2. Натиҷагирӣ аз мавзуи мазкур дар роҳи нишон додани хусусиятҳои услубии забони на танҳо осори Б. Раҳимзода, балки умуман назми охири солҳои сӣ то ибтидои солҳои ҳаштоди асри XX адибони тоҷик мусоидат хоҳад намуд, зеро дар ин давра мавқеи шеъри Б. Раҳимзода дар адабиёт хеле устувор гардид ва ашъори ӯ аз нигоҳи мавзуъ, мундариҷа, ғоя, бандубасти сухан шуҳрат пайдо кард.

3. Омӯзиши луғат ва услуби ашъори Б. Раҳимзода дар муайян намудани маҳорати шоирии ӯ зимни коргирӣ аз унсурҳои лаҳҷавӣ ҳангоми ба тасвир кашидани ҳодисаҳо, фардӣ намудани нутқи персонажҳо ва мавқеи ӯ дар адабиёт ба аҳли илм кӯмак мекунад.

4. Баррасии ин мавзуъ дар бобати муайян намудани мавқеи унсурҳои лаҳҷавӣ дар адабиёти бадеӣ, меъёри истифода ва хусусиятҳои услубӣ касб намудани онҳо дар мавриди фардӣ кардани нутқи персонажҳо ва нутқи тасвирии муаллиф ба муҳаққиқон ёрӣ мерасонад.

5. Муҳаққиқон ҳангоми муқосаи забон ва услуби ҳамасрони Б. Раҳимзода, адибони қабливу баъдии ӯ, ба қайд гирифтани умумияту тафовут дар тарзи баёни онҳо зимни ба кор бурдани унсурҳои лаҳҷавӣ ва ба ин восита муайян сохтани фардияти услуби ҳар кадоми он метавонанд аз маводи назарии рисола истифода баранд.

6. Гурӯҳбандии диалектизмҳо, нишон додани доираи интишор ва мавриди истифодаи онҳо дар услуби бадеӣ дар мисоли эҷодиёти ин адиби маъруф барои ҷамъбасти илмии ин мавзуъ дар забоншиносии тоҷик чун сарчашмаи боэътимод хизмат карда метавонад.

7. Азбаски дар забоншиносии тоҷик оид ба истифодаи диалектизмҳо дар услуби бадеӣ таҳқиқоти зиёд анҷом нагирифтааст, хулосаҳои ин рисола метавонанд, минбаъд ҳамчун воситаи муқоиса аз ҷониби аҳли илм мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Натиҷаҳои таҳқиқот дар баррасии масоили марбут ба хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ истифода мешаванд.

2. Диалектизмҳо омилҳои зуҳуроти худро доранд ва вобаста ба тақозои услуб ба асарҳои бадеӣ роҳ меёбанд. Маводи андӯхтаи мо аз асарҳои Б. Раҳимзода барои муайян намудани ана ҳамин омилҳо ба забоншиносон кумак мерасонад.

3. Рисола дар мавриди таълими курси махсус аз фанҳои услубшиносии тоҷик, маданияти сухан, лаҳҷашиносӣ, лексикологияи таърихиву муосир дар мактабҳои олӣ ба устодон мавод медиҳад.

4. Ҳангоми сохтани барномаҳои таълимӣ ва иншои китобҳои дарсӣ аз лаҳҷашиносӣ, услубшиносӣ, маданияти сухан барои донишгоҳҳо мураттибон метавонанд аз маводи рисола истифода намоянд.

5. Устодони макотиби олӣ дар омода сохтани курс-конспект аз услубшиносӣ, маданияти сухан, шевашиносӣ ва бахши лексикология

барои факултетҳои филологӣ метавонанд, аз натиҷаҳои он баҳра бардоранд.

6. Дар дарсҳои амалӣ аз шевашиносии тоҷик, маданияти сухан, услубшиносӣ устодони макотиби олӣ метавонанд аз маводи рисола кор гиранд.

7. Маводи рисола дар сохтани фарҳангҳои диалектологӣ, истилоҳотӣ, тафсириву нимтафсирӣ, мумкин аст ба кор равад.

8. Адибон имкон доранд, ки дар фаъолияти эҷодии худ зимни фардӣ кардани нутқи персонажҳо маводи рисоларо ба кор баранд.

9. Дар бобати барҳам задани унсурҳои лаҳҷавӣ аз нутқи хонандагони мактаб муаллимон рисоларо ба сифати манбаи муқоиса истифода карда метавонанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Диалектизмҳои лексикӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия ҷамъбасти натиҷаҳои мустақилона бадастовардаи муҳаққиқ дар самти таҳқиқи диалектизмҳои лексикӣ, ҷиҳатҳои услубӣ ва мавридҳои истифодаи онҳо дар асарҳои Боқӣ Раҳимзода мебошад. Диссертант дар рафти таҳқиқ асарҳои муҳаққиқони хориҷиву ватаниро оид ба мавзуи мазкур омӯхта, нуқтаи назари онҳоро доир ба мафҳуми **диалектизм**, сарчашмаҳои зуҳурот, зарурат ва ҷойи корбасти диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ, навъҳои диалектизм ва гурӯҳбандии онҳо аз нигоҳи семантика ҷамъбаст намуда, ҳамзамон бо онҳо дар ин бобат радду бадал мекунад ва ҳамзамон ақидаи худро низ пешниҳод месозад. Мақолаҳои унвонҷӯ мустақилона ва бе ҳаммуаллифӣ таълиф ёфтаанд. Хулосаҳои ӯ хусусият, ҷанбаҳои услубӣ, образнокӣ ва бадеияти диалектизмҳоро бозкушоӣ мекунанд. Муаллиф дар такя ба маводи осори Б. Раҳимзода, луғатҳои шевагӣ ва тафсирию нимтафсирӣ ҳудуди интишор, хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ, сохтори морфологии диалектизмҳоро ба таҳқиқ гирифта, муносибати онҳоро бо ҳиссаҳои нутқ низ муайян намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷа ва хулосаҳои илмии диссертатсия дар баромадҳо ва маърузаҳои дар конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ хондашуда, ҳамчунин дар мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои мухталифи илмӣ ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 8-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда ва 3 мақолаи дигар дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои гуногун нашр шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ (қарори №11 аз 20.01.2021) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Рисола аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 183 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима оид ба муҳиммот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои рисола, навгониҳои илмӣ, объект ва мавзуи таҳқиқ, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегардад, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия сухан меравад.

Боби якуми рисола – **«Диалектизмҳо ва мавридҳои истифодаи онҳо дар адабиёти бадеӣ»** аз панҷ зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум, ки **«Мафҳуми диалектизм аз нигоҳи забоншиносон»** ном дорад, оид ба баҳси олимон дар бобати мафҳум ва моҳияти диалектизм, меъёрҳои муайян намудани диалектизмҳо, вазифаи диалектизмҳо дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ва адабиёти бадеӣ, роҳҳои воруди диалектизмҳо ба забони адабӣ, мавриди истифодаи онҳо дар асарҳои адибон сухан ба миён оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки оид ба мафҳуми истилоҳи «диалектизм» дар забоншиносӣ аҳли таҳқиқ сари як ақида қарор надоранд. Ин аст, ки як гурӯҳ олимон зери мафҳуми ин вожа калима ва шаклу қолабҳои грамматикии лаҳҷавиро дар назар дошта бошанд, қисми дигар унсурҳоеро мефаҳманд, ки дар адабиёти бадеӣ ба кор раванд ҳам, меъёри забони адабӣ буда наметавонанд. Гурӯҳи сеюм на ҳама унсурҳои лаҳҷавии дар адабиёти бадеӣ истифодашударо ҳамчун диалектизм мешиносанд, балки танҳо онҳоеро қабул доранд, ки дар фарҳангҳо ба қайд гирифта шудаанд. [36]

Истилоҳи «диалектизм» ҳам дар лаҳҷашиносӣ ва ҳам дар услубшиносӣ баробар ба кор меравад. Аз ин сабаб ин вожа дар забоншиносӣ то ҷое хусусияти умумӣ касб кардааст. Лаҳҷашиносон барои муайян кардани диалектизм ҳудуди интишор ва маъмул набудани калимаро дар забони адабӣ меъёр медонанд.[37] Мураттибони луғати истилоҳоти забоншиносӣ Д. Розентал ва М. А. Теленкова менависанд, ки «Диалектизмҳо унсурҳои лаҳҷавианд, вале дар забони адабиёти бадеӣ бо ниятҳои услуби истифода мешаванд».[38] Ҳамин гуна як ишора оид ба

---

[36] Партенадзе М. Х. К вопросу о терминах «диалектное слово», «областное слово» и «диалектизм» / М. Х. Партенадзе // Известия АН СССР, сер. лит. и язык. Т. 34. – № 1. – М., 1975. – С. 75.

[37] Филин Ф. П. Проект словаря русских народных говоров / Ф. П. Филин М. – Л.: Издательство АН СССР. 1961. – С. 19; Князькова Г. П. О диалектное лексике в русском языке XVIII веке / Г. П. Князькова // Процесси формирования лексики литературного языка. – М., Л.: Наука. 1966. – С. 110.

[38] Розенталь Д. Э. Справочник лингвистических терминов / Д. Э. Розенталь, М. А. Теленкова М.: Просвещение 1976. – С. 95.

муҳтавои диалектизм дар «Лингвистический энциклопедический словарь»[39] низ мавҷуд аст.

Воқеан, барои дақиқ шинохтани диалектизм меъёри асосӣ ҳудуди истеъмоли он ҳисоб меёбад, зеро хати интишори диалектизм одатан аз ҷое оғоз гардида, дар ҷое қатъ меёбад. Ин меъёр ҳам дар лаҳҷашиносӣ ва ҳам дар услубшиносӣ татбиқшаванда аст. Унсурҳои лаҳҷавӣ дар забони адабиёти бадеӣ ҳамчун воҳидҳои берун аз меъёр дарҳол ба чашм намоён шуда меистанд. Аз ин сабаб қисми зиёди лаҳҷашиносону мутахассисони соҳаи услубшиносӣ байни истилоҳоти **диалектизм, воҳидҳои лаҳҷавӣ, калимаҳои вилоятӣ** ё **музофотӣ** (территориявӣ), **лексикаи шевагӣ** тафовут нагузошта, онҳоро чун синоними якдигар ба кор мебаранд. Диалектизмҳо дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба сифати унсури фарқгузор миёни лаҳҷаҳои як забон ва лаҳҷаю забони адабӣ хизмат кунанд, дар адабиёти бадеӣ ҳамчун воситаи асосии фардӣ кардани нутқи персонаж, таъмин намудани ҷиҳатҳои эстетикӣ, экспрессивӣ, эмотсионалӣ ва образнокии сухан хизмат мекунанд.

Диалектизмҳо дар лаҳҷаҳо як вазифа ва дар услуби бадеӣ вазифаи дигар доранд. Ин аст, ки олимони лаҳҷашинос диалектизмҳоро чун воситаи фарқгузор миёни як лаҳҷа аз лаҳҷаи дигар ва гурӯҳи лаҳҷаҳо, шеваҳо ва шеваю лаҳҷаҳо аз забони адабӣ ба муҳокима гиранд, ашхоси услубшинос онҳоро ҳамчун омили муҳимми оммафаҳм кардани забони асари бадеӣ, воситаи хуби таъмини бадеият ва образнокии сухан ва муассиру пурҷило баромадани услуби тасвир ба риштаи тадқиқ мекашанд. Ф. П. Филин чунин менависад: «Диалектизм дар забони адабиёти бадеӣ ва лаҳҷа вазифаи якхела надорад, балки дар адабиёти бадеӣ чун категорияи услубӣ ба кор меравад».[40]

Диалектизмҳо ба забони адабӣ аз адабиёти бадеӣ, асарҳои илмӣ, луғатҳои лаҳҷавӣ ва тафсилӣ, забони халқӣ-гуфтугӯӣ ворид мегарданд ва аз рӯйи зарурат гоҳ дар нутқи персонажҳо, гоҳ дар сухани тасвирии адибон кор фармуда мешаванд.

Зербоби дуюми ин боб **«Навъҳои диалектизм аз рӯйи таснифоти муҳаққиқон»** ном дорад. Ин зербоб ба муайян намудани навъҳои диалектизм, назари мутахассисон доир ба ин мавзуъ, вазифа, қоидаи корбурд, тарзи истифода ва роҳҳои шарҳу баёни диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ бахшида шудааст.

То имрӯз миёни лаҳҷашиносон оид ба ҷудо намудани хелҳои диалектизм назари ягона вуҷуд надорад. Ин аст, ки В. Н. Прохорова – аввалин муҳаққиқи диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ вобаста ба хусусиятҳои алоҳидаи забонӣ онҳоро ба чор гурӯҳ – лексикӣ, фонетикӣ,

---

[39] Лингвистический энциклопедический словарь (гл. ред. В. Н. Ярцева) М.: Советская энциклопедия, 1990. – С. 133.

[40] Филин Ф. П. Язык художественной литературы и читатель // Русская речь / Ф. П. Филин. – № 4. – М., 1977. – С. 26.

морфологӣ, синтаксисӣ[41], Н. М. Шанский як худи диалектизмҳои лексикиро ба панҷ навъ – хоса, лексикӣ-фонетикӣ, лексикии калимасоз, семантикӣ, этнографӣ[42] ҷудо карда бошанд, А. В. Калинин ба шаш гурӯҳ – фонетикӣ, грамматикӣ, калимасоз, лексикӣ, семантикӣ, фразеологӣ[43] тасниф кардааст. Г. Я. Симина оид ба як навъи диалектизмҳо – диалектизмҳои семантикӣ, нишона ва манбаъҳои зуҳуроту такомулоти онҳо дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ изҳори ақида намудааст.[44] Баъдтар М. И. Фомина низ ба таҳқиқи ин масъала рӯй оварда, диалектизмҳоро дар пайгирӣ ба В. Н. Прохорова ба чор гурӯҳ – фонетикӣ, калимасоз, морфологӣ, лексикӣ ҷудо кардааст.[45]

Солҳои 60-70-уми асри XX дар забоншиносии тоҷик низ оид ба ин мавзуъ ҳамин гуна гуногунфикрӣ ба миён омад. Масалан, Х. Ҳусейнов диалектизмҳоро ба чор гурӯҳ – фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, лексикӣ,[46] Х. Рауфов ба ду гурӯҳ – фонетикӣ ва лексикӣ,[47] Т. Мақсудов ба ҳафт гурӯҳ – лексикӣ, семантикӣ, этнографӣ, хоса, ономастикӣ, топонимикӣ, фонетикӣ[48] тасниф кардаанд. Дар китоби профессор Ҳ. Маҷидов панҷ навъи диалектизмҳо – фонетикӣ, грамматикӣ, лексикӣ, семантикӣ ва этнографӣ зикр шудаанд.[49]

Ба ин тариқ, дар асару мақолаҳои Ф, П. Филин, В. Н. Прохорова, М. И. Фомина, А. В. Калинин, Ҳ. Маҷидов, Х. Ҳусейнов ва дигарон диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ зери унвони диалектизмҳои фонетикӣ, лексикӣ (хоса, семантикӣ, этнографӣ, фразеологӣ) ва грамматикӣ (морфологӣ, синтаксисӣ, калимасоз) нисбатан дақиқтар тасниф гардиданд. Инро ба назар гирифта мо дар рисола танҳо навъҳои диалектизмҳои лексикиро дар эҷодиёти Б. Раҳимзода баррасӣ намудем.

Дар зербоби сеюм, чорум ва панҷуми ин боб вазифаи диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ, ки аз фардӣ кардани нутқи персонажҳо, таъмини ҷанбаи эстетикии забони асари бадеӣ ва ҷиҳатҳои маҳаллии нутқи персонажҳо, қонунҳои истифодаи диалектизмҳо, роҳҳои корбурди онҳо дар асарҳои бадеӣ иборат мебошад, бо ҳама ҷузъиёт таҳқиқ карда шудаанд.

---

41 Прохорова В. Н. Диалектизмы в языке художественной литературы / В. Н. Прохорова. – М.: Учпедгиз, 1957. – С.6.

42 Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М.Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – С.18.

43 Калинин А. В. Лексика русского языка / А. В. Калинин. М.: Издательство МГУ, 1978. – С. 120.

44 Симина Г. Я. Семантические диалектизмы и условия их образования / на материале пинежского говора / Г. Я. Симина // Диалектная лексика. – Л.: Наука, 1982. – С. 110 – 119.

45 Фомина. М. И. Современный русский язык / М. И. Фомина. – М.: Высшая школа, 1983. – С. 172.

46 Ҳусейнов Х // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, 1964. – С. 59.

47 Рауфов Ҳ, Лексика / Забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Рауфов. – Душанбе. 1973. – С. 59.

48 Мақсудов Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 16-50.

49 Маҷидов Ҳ, Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Анҷумани Деваштич, 2007. – Ҷ. 1. – С. 152 - 153.

Боби дуюми диссертатсия **«Диалектизмҳои лексикии хосса дар асарҳои Боқӣ Раҳимзода»** номгузорӣ шудааст, ки он аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якум ба таҳқиқи **диалектизмҳои фарохистеъмол** ва зербоби дуюм ба омӯзиши **диалектизмҳои маҳдудистеъмол**, ки онҳо, дар навбати худ, ба гурӯҳҳои предметӣ ва ғайрипредметӣ ҷудо гардидаанд, бахшида шудааст. Ба гурӯҳи аввал истилоҳоти хешутаборӣ, исмҳои маънӣ, вожаҳои гуногунмаънӣ ва ба гурӯҳи дуюм диалектизмҳои ифодагари ҳолат, хислату хусусияти шахс, аломати ашёи гуногун, калимаҳои дорои мафҳуми амалу ҳаракат, замон, тарзи амал, микдору дараҷа дохил карда шуда, ҳамзамон вазифа, хусусиятҳои услубӣ, тобишҳои маъноӣ, ҷойи онҳо дар эҷодиёти Б. Раҳимзода мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар рисола исбот карда шудааст, ки ин навъи диалектизмҳо дар таълифоти адиб дар се маврид – дар нутқи персонаж, сухани тасвирии муаллиф ва дар нутқи омехтаи муаллифу персонаж корбаст гардидаанд.

Ба гурӯҳи диалектизмҳои лексикии хосса вожаҳоеро метавон дохил намуд, ки онҳо дар забони адабӣ синонимҳои гуногун доранд, инчунин диалектизмҳое, ки бозмонда аз забони адабиёти классикианд ва дар лаҳҷаҳо захира шудаанд, низ дар ҳамин боб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Одатан, адибон дар бобати истифода аз анвои диалектизмҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) адибоне, ки танҳо аз унсурҳои лаҳҷавии зодгоҳи худ кор мегиранд; б) адибоне, ки ба ҷуз лаҳҷаи худ аз маводи дигар лаҳҷаҳо низ истифода мекунанд. Б. Раҳимзода аз гурӯҳи дуюм аст, зеро ӯ на танҳо аз диалектизмҳои лаҳҷаҳои Рашт, ки зодгоҳи ӯст, инчунин аз диалектизмҳои ҳама лаҳҷаҳои ҷанубию шимолии забони тоҷикӣ истифода кардааст. Сабаб дар он аст, ки персонажҳои асарҳои ӯ намояндаи лаҳҷаҳои ҳам шимолӣ ва ҳам ҷанубианд. Дигар ин, ки ҳодисаҳои ба тасвир гирифтаи ӯ ба ҳавзаҳои интишори ҳам лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҳам лаҳҷаҳои шимолӣ дахл доранд. Огоҳии комили Б. Раҳимзода аз кору пайкори сокинони ҳама манотиқи Тоҷикистон, аз хусусиятҳои умумию фарққунандаи тамоми лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ имкон додааст, ки ӯ ҳодисот ва руйдодҳои ҳар як минтақаи ҷумҳуриро дар асарҳои худ воқеъбинона ва бо ҳама ҷузъиёт мавриди тасвир қарор диҳад.

Ба ин гурӯҳ метавон диалектизмҳои **почо** (домод), **дада / дадо** (падар), **ҷандала** (кӯшиш, талош), **ҳаппак** (тӯб, пуфак), **ҷоғ** (даҳон), **телба** (гаранг, саросема), **яклаба** (каҷ, яктарафа), **вақтчоқ** (хурсанд, хушсухан), **қоқ** (танҳо, яка), **чевар** (чуст, чолок) **шалақ** (фарсуда, вайрон), **мӯл** (фаровон), **қитиқ кардан** (ба асаби касе расидан) ва ғайраро шомил сохт.

Боқӣ Раҳимзода чун адиб дар бобати истифодаи диалектизмҳо маҳорати хуб дорад. Ӯ барои таъмини ҷиҳатҳои эстетикӣ ва услубии забони асарҳои худ кӯшиш намудааст, ки бештар аз диалектизмҳои фарохистеъмол ва дорои обуранги бадеӣ истифода барад. Аз қабили **мағал** (шӯру ғавғо), **чақ-чақ** (суҳбат, хушгӯйӣ), **чатоқӣ** (фиребгарӣ,

харомхӯрӣ), **бекорхӯҷа** (коргурез, танбал) ва монанди инҳо. Бояд гуфт, ки диалектизмҳои фарохистеъмол дар мавридҳои муайян барои ифодаи маъниҳои гуногуни услубӣ ва таъмини рангорангии забони асарҳои адиб ба кор рафтаанд. Аммо, бо вуҷуди ин, дар сухани тасвирии ӯ ҷо-ҷо диалектизмҳоеро низ метавон пайдо кард, ки доираи интишори онҳо васеъ нест ва аз нигоҳи маънию ҷилоҳои услубӣ аз синонимҳои меъёрии худ боло нестанд. Ба мисли **пала** (як соҳаи зиндагӣ), **ғӯтатозӣ** (ғӯта задан дар барфтӯда), **кура** (чойҷӯши обҷӯшонӣ), **патпат** (мототсикл), **шай** (хуб, нағз), **довғулӣ** (маккор, ҳиллагар), **алачалпоқ** (алобуло), ки як қисми онҳо бе шарҳу тафсил ва бе зарурати услубӣ ба кор рафтаанд. Аз ҳамин сабаб дар мавриди корбасти ин ду навъи диалектизмҳои лексикӣ адиб як меъёри муайянро ба ҳисоб намегирад. Ҳатто баъзе диалектизмҳо дар осори Б. Раҳимзода бидуни ислоҳ истифода шудаанд. Масалан, вожаҳои **ҷаҳманд** ба ҷойи **ҷаҳдманд** (ошиқи зани шавҳардор) ва **охурҷа** ба ҷойи **обхӯрҷо** (ҷойи обу коҳ хӯрдани аспу хар) корбаст гардидаанд, ки аз ин хонанда маънии дуруст гирифта наметавонад. Дар ин маврид Ф. П. Филин қайд мекунад, ки: «Адиб бояд донад, ки дар забон калимаҳои адабии умумифаҳм ва ҳам диалектизмҳо мавҷуданд ва диалектизмҳо хусусияти умумиистеъмолӣ надоранд. Барои он ки асари адиб ба ҳама фаҳмо бошад, бояд ӯ оммаи васеи хонандаро дар мадди назар гирад».[50]

Дар боби сеюм, ки **«Диалектизмҳои семантикӣ ва этнографӣ дар асарҳои Боқӣ Раҳимзода»** ном дорад, дар хусуси тафовути ин ду навъи диалектизмҳои лексикӣ, зарурат ва ҷою мавридҳои истифодаи онҳо дар асарҳои Б. Раҳимзода сухан меравад. Ҳамчунин дар ин боб хатти интишори диалектизмҳои мазкур дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар муқоиса бо фарҳангҳои шевагӣ муайян карда шудааст. Ин тарзи таҳқиқ имкон додааст, ки дар ин боб низ диалектизмҳои фарохистеъмол ва маҳдудистеъмол, ки дар асарҳои олимони лаҳҷашинос таҳти истилоҳоти «диалектизмҳои лексикии мухолиф» ва «диалектизмҳои лексикии ғайримухолиф» зикр шудаанд,[51] аз якдигар ҷудо карда шаванд.

**1. Диалектизмҳои семантикӣ.** Н. М. Шанский менависад, ки «Зери ин истилоҳ вожаҳое дар назаранд, ки аз нигоҳи овозӣ бо калимоти забони адабӣ якхела бошанд ҳам, аз лиҳози маънӣ ба шеваю лаҳҷаҳои алоҳида дахл доранд».[52]Аз ин пештар Ф. П. Филин низ оид ба ин навъи воҳидҳои луғавӣ дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳамин гуна арзи ақида карда буд.[53] Баъдтар М. И. Фомина дар ин бобат чунин навиштааст: «Диалектизмҳои семантикӣ калимаҳое мебошанд, ки аз лиҳози навишт

---

[50] Филин Ф. П. Язык художественной литературы и читатель // Русская речь / Ф. П. Филин. – №4. – М., 1977. – С. 29.

[51] Исмоилов Ш. Баъзе масъалаҳои таълими забон дар мактаб / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Маориф, 1994. – С. 12.

[52] Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – С. 120.

[53] Филин Ф. П. Проект словаря русских народных говоров / Ф. П. Филин М. – Л.: Издательство АН СССР, 1961. – С. 38.

ва талаффуз бо калимаҳои забони адабӣ мувофиқат мекунанд, аммо аз ҷиҳати маънӣ аз онҳо ҷудо шуда меистанд».[54]

Диалектизмҳои семантикӣ бо роҳҳои зерин ба вуҷуд меоянд: а) Зимни тафовути маъноӣ пайдо кардани унсурҳои лаҳҷавӣ аз калимаҳои ҳамшакли адабии худ. б) Вобаста ба маънии дигар гирифтани калимаҳои забони адабӣ дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ, ки миёни маъниҳои аввалаву баъдии онҳо ҳеҷ гуна умумият намемонад. в) Тасодуфан аз ҷиҳати овозӣ монандӣ пайдо намудани калимаҳои лаҳҷавӣ бо калимаҳои адабӣ, ки маънии онҳо гуногун аст.

Диалектизмҳои семантикӣ дар асарҳои бадеӣ дар мавридҳои зарурӣ ба кор мераванд, ки намунаи онро аз асарҳои ҳама адибони тоҷик, аз ҷумла Б. Раҳимзода, метавон дарёфт кард. Б. Раҳимзода аз диалектизмҳои семантикӣ чандон зиёд истифода накардааст, зеро дар ин навъи диалектизмҳо ҷилоҳои услубӣ ва ҷиҳатҳои экспрессивию эмотсионалии сухан камтар эҳсос мегардад. Диалектизмҳои мазкур вазифаи муайяни услубӣ доранд ва вазифаи онҳо асосан аз фардӣ кардани нутқи персонажҳо иборат мебошад.

Диалектизмҳои семантикие, ки дар эҷодиёти адиб ба кор рафтаанд, аксаран ба лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ дахл доранд. Барои мисол вожаҳои **тал** ва **палла**-ро мегирем, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» якумӣ **«пушта, теппа»** ва дуюмӣ **«кафаи тарозу»**[55] маънидод шудаанд. Аммо дар лаҳҷаҳои водии Рашт (аз гурӯҳи лаҳҷаҳои ҷанубӣ) **тал** маънии «заврақ» ва **палла** мафҳуми «соҳа»-ро ифода мекунад. Б. Раҳимзода онҳоро дар ҳикояи «Қасосгирии Соқӣ» маҳз бо ҳамон маъниҳои лаҳҷавиашон кор фармудааст:

*Ба ёрии аскарони сурхи қалъабандшудаи Ғарм ба воситаи Сурхоб бо **талҳо** аскарони бисёре дохили Ғарм шудааст [Ш, 155]; Мегӯянд, ки агар ҳар кас ҳамроҳи Мирзо ба кор тоб оварад, дар ҳар **палла** кор меояд [Ш, 164].*

Ҳамин ҳодисаро дар калимаҳои **чевар** (чусту чолок), **шӯриш** (тундбод, гирдбоди барфӣ), **аловхона** (меҳмонхона), **хур** (дон, ғаллаи тухмӣ, бандҳои дар рӯйи хирман пошдодашудаи ғалла), **солик** (лонаи занбӯри сиёҳ), **покиза** (пурра, тамоман) ва амсоли инҳо дидан мумкин аст, ки адиб онҳоро дар шеърҳои «Марҳамат», «Барфнома», ҳикояҳои «Улав», «Хирман», «Писари Абдулло», «Паҳлавонии Мирзо» (Ш.) мавриди истифода қарор додааст.

**2. Диалектизмҳои этнографӣ.** Ин диалектизмҳо номи ашё ва ҳодисаҳои гуногунро ифода мекунад, вале ин номҳо хусусияти умумигуфтугӯйӣ надоранд ва дар забони адабӣ низ муодилҳои мувофиқи онҳоро пайдо намудан мумкин нест.[56] Дар ниҳоди диалектизмҳои

---

[54] Фомина М. И. Современный русский язык / М. И. Фомина. – М.: Высшая школа, 1983. – С. 172.

[55] Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Ҷ. I; II. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – С. 20; 310.

[56] Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка / Н. М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – С. 120; Фомина М. И. Современный русский язык / М. И. Фомина. – М.: Высшая школа, 1983. – С. 172.

этнографӣ нишонаҳои психологӣ ва этникиву эстетикии мардум ниҳон аст, ки адибон бе истифода аз онҳо наметавонанд, ҳаёти персонажҳо, урфу одат ва тарзи рӯзгордории сокинони ин ё он мавзеи маскуниро ба тасвир гиранд. Маҳз ҳамин паҳлуи масъала истифодаи диалектизмҳои этнографиро дар асарҳои бадеӣ ба ҳукми қонун медарорад. Диалектизмҳои этнографӣ, ки дар эҷодиёти Б. Раҳимзода ба кор рафтаанд, ба бахшҳои гуногуни рӯзгори сокинони маҳалҳои алоҳидаи ҷануби Тоҷикистон дахл доранд. Инро ашё ва маҳали тасвири ҳодисаҳо тақозо кардааст, ки ҷойи истифодаи онҳо асосан сухани тасвирии худи муаллиф ва гоҳо нутқи персонажҳо мебошад.

Диалектизмҳои этнографӣ дар эҷодиёти Б. Раҳимзода вобаста ба ифодаи маънӣ ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд:

**2. 1. Истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ.** Ин навъи вожаҳо бо мақсади ҳаматарафа бозгӯ намудани ҳаёти рӯзмараи персонажҳо, пеши чашми хонанда ба ҷилва овардани симои марди деҳқон, талоши ӯ баҳри таъмини маишати оила ба кор рафтаанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои **сипор / испор** (амоч), **чигина** (воситаи кашонда ба хирман овардани ғалла), **юғ** (чӯбе, ки ба гардани ҷуфти гов ниҳода, ба он амоч ва чанаро мебананд), **чапар** (ин олат аз шохи дарахт дуруст карда шуда, дар кӯфтани ғалла ва ҳамвор намудани шудгор ба кор меравад), **дарза** (банди ғалла), **ғанак** (ғарами бандҳои ғалла) ва ғайраро метавон дохил кард, ки инҳо дар маҷмӯаи «Шаҳчанор» истифода шудаанд.

Диалектизмҳои этнографӣ вожаҳои хушку бетароватанд, вале, вақте ки адиб онҳоро дар алоқамандӣ бо калимаҳои дигар ба кор мебарад, тобишҳои услубиву бадеӣ пайдо карда, ҷиҳати муассириву тобишнокии забони асарро қуввати тоза мебахшанд:

*...гоҳо бо **шохмола**, гоҳо бо **пуштора**, гоҳо бо **чигина** ва **кашак** гандуми даравидашударо ба хирманҷой меоварinternal [Ш, 178].*

Ин ҷо этнографизмҳои **шохмола**, **пуштора**, **чигина**, **кашак**, аз як тараф, ба хотири таъмини айнияти тасвир истифода шуда бошанд, аз дигар тараф, барои мушаххас нишон додани макони зуҳуроти амалиёти персонаж ва табиӣ баромадани тасвир ба қалам рафтаанд.

Баъзан Б. Раҳимзода этнографизмҳоро худаш маънидод мекунад. Дар ин маврид ӯ аз ду роҳи ташреҳи диалектизмҳо истифода мебарад: а) ташреҳи дохилиматнӣ; б) ташреҳ дар поварақ, нохунак ва қавсайн. Масалан, диалектизмҳои **хур**, **хара** ва **шохмола** аз ҷониби ӯ бо ҳамин роҳҳо маънидод шудаанд:

*Вақте ки гандумпоя дар зери **чапар** даромад, вайро хур меноманд [Ш, 178]; Ин пагоҳ аввалин **хури** майдашударо **хара** кардand [Ш, 179]; Аз байни буттазор рах-рахи хатҳои зардчатоб то домани кӯҳ кашола шуда мефуроянд. Онҳо изи **шохмолаҳоянд** [Ш, 171].*

**2. 2. Номи асбобҳои рӯзгор.** Б. Раҳимзода аз ин навъи этнографизмҳо ба хотири таъмини айнияти тасвир, табиӣ ба қалам додани рӯзгор ва маишати мардум, типӣ сохтани образҳо ва талқин намудани мароми эҷодии худ истифода намудааст. Масалан,

этнографизмҳои **чилобчӣ** (дастшӯ), **обдаста** (асбоби дастадори обрезӣ), **кӯра** (чойҷӯши сирнок барои обҷӯшонӣ), **кулӣ** (орддони калони лойӣ) ва амсоли инҳо аз ҳамин гурӯҳанд. Ин этнографизмҳо низ дар маҷмӯаи «Шаҳчанор» кор фармуда шудаанд.

Вожаҳои **чилобчӣ** ва **обдаста** дар сухани тасвирии худи адиб истифода шудаанд. Тавассути онҳо муаллиф манзараи қабули меҳмонро аз ҷониби персонаж ва меҳрубониву хизмати ӯро нисбат ба меҳмон ба қалам додааст, ки ба ин восита ҳам ҳодисаи тасвиршаванда воқеӣ тасвир ёфтааст ва ҳам айнияти тасвир таъмин гардидааст:

*Ба хона даромадем. Писараке қариб ҳамсоли ман* ***чилобчӣ*** *(дастшӯ),* ***обдаста*** *ва* ***сачоқ*** *овард [Ш, 139].*

Дар дохили қавс маънидод карда шудани этнографизми **чилобчӣ** аз ҷониби адиб аз он ҷиҳат аст, ки вай аз диалектизмҳои маҳдудистеъмол буда, маънии он ба сокинони ҳама мавзеъҳои Тоҷикистон маълум нест.

Зимни истифода аз ин диалектизмҳо муаллиф ҳадафи дигар низ дорад. Ӯ мехоҳад маърифати мардуми деҳоти кӯҳистони Тоҷикистонро дар мавриди раво кардани ҳоҷати ниёзмандон, фарҳанги инсонгароӣ ва маърифати рушдкардаи онҳоро дар шинохти қалби бузурги инсони комил нишон диҳад.

**2. 3. Номи анвои нон ва таом**. Этнографизмҳое, ки дар ифодаи номи хелҳои нон ва хӯрокҳои гуногун ба кор меравад, инҳо мебошанд: **гирдача** (нони гирди ҳаҷмаш калон), **чапотӣ** (нони тунук), **ӯмоч** (хӯроке, ки аз резахамири хушккардашуда тайёр мешавад), **кашкина** (аз гандуми кӯфта, нахӯд, лӯбиё, калла ва пойи чорво пухта мешавад), **ошибурида** (аз хамири ба мисли мӯй борик буридашуда омода карда мешавад), **тарҳавло** (як навъи ҳалво). Ин диалектизмҳо дар эҷодиёти Б. Раҳимзода чун воситаи хуби тасвир ҳангоми ба қалам додани ҳодисаҳои гуногуни давр ва нишон додани маҳорати бонувони тоҷик дар бобати пухтани нону таомҳои ҳархела ба кор рафтаанд.

Аз ин диалектизмҳо **гирдача** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ аз забони адабиёти классикӣ захира шудааст. Дар эҷодиёти Рӯдакӣ вай дар шакли **гирд** ба кор рафтааст, ки имрӯз дар забонҳои помирӣ ба гунаи **гарда** истеъмол меёбад.[57]

Истифодаи ин навъи этнографизмҳо ба Б. Раҳимзода имконият додааст, ки ӯ на танҳо айнияти тасвирро дар асарҳои худ таъмин созад, балки хусусиятҳои психологию эстетикии мардум, ривоҷ доштани суннатҳои кадимаи аҳолии кӯҳистонро дар бобати пухтани таомҳо ба хонанда бозгӯ намояд. Аз тарафи дигар, адиб аз вожаҳои мазкур ба хотири фардӣ кардани нутқи персонажҳо ва нишон додани аҳволи иҷтимоӣ ва тарзи рӯзгордории сокинони деҳоти қисмати ҷануби Тоҷикистон, ки ҳодисаҳои тасвиршаванда дар ҳамин ҷоҳо ба амал омадаанд, истифода кардааст.

---

[57] Исмоилов Ш. Ҷустуҷӯ ва бозёфт / Ш. Исмоилов // Гулзори сухан ( маҷмӯаи илмӣ ). – Душанбе, 2009. – С. 9.

Дар рисола этнографизмҳое, ки дар ифодаи синну сол, вазъи рӯҳӣ, амалиёти персонажҳо, номи бозиҳо, касбу машғулият, маросимҳо, либосҳо, ашёи мансуб ба ҳайвоноти хонагӣ ва амсоли инҳо ба кор мераванд ва Б. Раҳимзода аз онҳо чун воситаи хуби тасвир бо мақсади тобиши халқӣ додан ба забони шеъру ҳикояҳои худ, ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонанда ба ҳодисаҳои тасвиршаванда ва ҷозиб нишон додани кору пайкори персонажҳо ҳам дар сухани тасвирӣ ва ҳам дар нутқи персонажҳо кор фармудааст, аз нигоҳи маънию тобишҳои маъноӣ, рангорангии услуб муфассал таҳқиқ карда шудаанд.

Дар **хулоса**и диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар шонздаҳ банд ҷамъбаст гардидааст:

1. Шеваву лаҳҷаҳо чун як манбаи пурғановат дар ҳама давраҳои рушду такомули ҷомеа ҷойҳои холӣ ва нимхолии лексикаю грамматикаи забони адабиро пур сохтаанд ва минбаъд низ ҳамчунин хоҳанд кард. Ин ҳодиса, бахусус охири солҳои бист ва аввали солҳои сиюми асри XX, ки ин давра воқеан давраи демократӣ намудани забони меъёрии тоҷик буд, вусъати тоза пайдо кард. Дар ин давра таъсири шеваю лаҳҷаҳо ба забони адабӣ бештар тавассути матбуот, забони асарҳои илмиву бадеӣ, бо ҳам омадани мардуми маҳалҳои гуногун дар маркази Тоҷикистон ва халт ёфтани лаҳҷаҳо, ба забони адабӣ роҳ ёфтани унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаҳо ба амал омад.

2. Адабиёти бадеӣ дар таҳаввулоти меъёрҳои забони адабӣ мақоми шоиста дорад, зеро забони адабиёти бадеӣ мизонеро мемонад, ки ҳусну қубҳи васоити ифодаи нутқ маҳз тавассути он бар кашида мешавад. Аҳли эҷод аз имконоти фаровони забони адабӣ истифода намуда, ҳамзамон он воҳидҳои луғавӣ, таркибу ибораҳо, қолабҳои калимасозӣ, ҷумлаҳоеро, ки зимни эҷоди асари бадеӣ меофаранд, дар ду паллаи ҳамин мизон гузашта, бурду бохти худро дар ин бобат месанҷанд. Маводе, ки мо аз эҷодиёти Б. Раҳимзода мавриди таҳқиқ қарор додем, собит месозад, ки калимаву истилоҳот ва таркибу ибораҳои лаҳҷавӣ, асосан, ба воситаи адабиёти бадеӣ ба забони адабӣ ворид мегарданд [4-М].

3. Ба кор бурдани унсурҳои шевагӣ дар забони адабиёти бадеӣ сабаб дорад, ки ин, аз як тараф, ба раванди халқӣ намудани забони асарҳо рабт дошта бошад, аз тарафи дигар, ба мазмуну мундариҷаи асарҳо, услуби нигориш ва аҳдофи эҷодии аҳли қалам алоқамандӣ дорад. Таҳқиқи босубот ва ҳамаҷонибаи ин мавзӯъ, ки дар забоншиносии тоҷик солҳои охир шуруъ шудааст, имкон хоҳад дод, ки дастоварду камбудиҳои марбут ба ин бахши таҳқиқ ошкор гардад ва хизмати адибони алоҳида дар вусъат бахшидани ин раванди бардавоми таърихӣ аниқ нишон дода шавад.

4. Омӯзиши забони асарҳои бадеӣ, ки дар доираи солҳои сию чил, панҷоҳ ва шасту ҳафтоди асри XX нашр гардидаанд, нишон медиҳанд, ки наздик шудани забони адабӣ ба забони халқ ҷиҳатҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Масъалаи мазкур дар қарорҳои анҷуману конфронсҳое, ки бахшида ба қабули забони адабии тоҷик солҳои сиюми

асри XX барпо мешуданд ва дар ин ҳамоишҳо ҷудоии сунъӣ байни забони адабӣ ва забони халқ таъкид меёфт, вале моҳияти он аз нигоҳи илмӣ дуруст ҳал намегардид [32. 2007].

5. Диалектизмҳое, ки дар асарҳои бадеӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ду навъанд: а) диалектизмҳои фарохистеъмол; б) диалектизмҳои маҳдудистеъмол. Дар осори аҳли эҷод зиёд ба қалам рафтани диалектизмҳои маҳдудистеъмол натиҷаи муносибати яктарафаи онҳо ба забони зиндаи халқ мебошад.

6. Ба кор андохтани диалектизмҳои маҳдудистеъмол дар асарҳои бадеиву саҳнавӣ чанд сабаб дорад, ки яке аз сабабҳои маъмули он яқинан татбиқ кардани қарорҳои гуногуни давлату ҳукумат зимни амалӣ сохтани тадбирҳо оид ба меъёрҳои забони адабӣ аст. Ин гуна шакл гирифтани ҳодисаҳои мазкурро дар солҳои сию чили асри XX дар Тоҷикистон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Чунон ки аҳли таҳқиқ собит намуд, дарҳам-барҳамиҳои зиёд дар ин давра боиси нуфуз пайдо кардани услуби содабаёнӣ дар адабиёти бадеӣ гардид. Воқеан, ин ҳолат на танҳо дар забони адабиёти бадеӣ, балки дар луғатҳои дузабонаи солҳои чилу панҷоҳи асри XX ва ҳатто ибтидои асри XXI низ ба назар мерасад. Дар луғатҳои мазкур бисёр унсурҳои сирф лаҳҷавӣ бе ягон ишораи услубӣ чун моли забони адабӣ ба қалам рафтаанд.

7. Таҳлили забони баъзе асарҳои бадеӣ, ки солҳои шасти асри XX то имрӯз навишта шудаанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки демократӣ кардани забони адабии тоҷик кайҳо ба анҷом расида бошад ҳам, гӯишҳои маҳаллӣ боз муддати дуру дароз метавонанд чун манбаи пурмавод дар такмили забони меъёрӣ хизмат намоянд. Аз сабаби он ки то солҳои ҳафтодуми асри XX луғати лаҳҷаҳои мардуми манотиқи ҷануби Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд ва ба сарвати пурарзишу шойгони онҳо аҳли адаб дастрасӣ надоштанд, бештар дар асарҳои бадеӣ маводи лаҳҷаҳои самти шимоли кишвар истифода шудаанд. Ҳоло бошад, луғати як қисм лаҳҷаҳои ҷанубӣ таҳқиқ карда шуда, фарҳангҳои лаҳҷавӣ ҳам аз чоп баромаданд ва акнун аҳли адаб метавонанд аз ин манбаъҳо вожаҳои даркориро гулчин карда, дар асарҳои бадеӣ ба кор андозанд.

8. Имрӯз, ки забони адабии тоҷик мақоми давлатӣ дорад ва ҳама бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистонро фаро мегирад, таҳқиқи забони асарҳои бадеии дар солҳои гуногун чопшуда, таҳқиқ намудани роҳҳои истифода аз забони зиндаи халқ дар онҳо ва муайян сохтани муваффақияту камбудии адибони ҷудогона дар ин самт дорои аҳамияти бузурги илмист.

9. Хизмати адибони алоҳида, аз зумраи С. Айнӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Ҳ. Карим, Ҳ. Юсуфӣ, П. Толис, Ф. Муҳаммадиев, М. Қаноат, Лоиқ ва дигарон дар рушду нумӯи забони адабии муосири тоҷикӣ хеле назаррас аст. Дар ин миён шоири тавонои тоҷик Б. Раҳимзода ҳам қарор дорад. Эҷодиёти ин адиби пуркор давраҳои тараққиёти забони адабии муосири тоҷикиро аз нимаи дуюми солҳои сӣ то ибтидои солҳои

ҳаштоди асри XX ба ин ё он дараҷа дар худ инъикос кардааст. Б. Раҳимзода аз дороии вофири луғати забони адабиёти классикӣ хуб огоҳӣ дошт ва захираи луғавии забони зиндаи халқи худ – шеваву лаҳҷаҳои онро пайваста меомӯхт. Ана ҳамин огоҳии комил ва омӯзиши пайгирона имконият фароҳам оваранд, ки ӯ аз ду шохаи забони миллии тоҷикӣ – ҳам забони адабӣ ва ҳам лаҳҷаҳои маҳаллӣ моҳирона истифода намояд ва ба ин восита имконоти бепоёни забони модарии худро дар маҷмуъ бозгӯ созад.

10. Диалектизмҳо бо анвои гуногуни худ дар асарҳои Б. Раҳимзода як ҳиссаи муайянро ташкил медиҳанд. Истифодаи фаровони онҳо дар эҷодиёти ӯ, аз як тараф, ба ҷараёни демократӣ намудани забони адабии тоҷикӣ дар нимаи дуюми солҳои сӣ ва ибтидои солҳои чили асри XX вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба раванди умуман наздик овардани забони адабӣ ба забони зиндаи халқ алоқамандӣ дорад. Дар асарҳои Б. Раҳимзода диалектизмҳо дар иҷрои вазифаҳои гуногун омадаанд, ки маъмултарини онҳоро ба таври зерин метавон номбар кард:

а) фардияти нутқи персонажҳои асарҳои ӯро таъмин намудаанд;

б) дар бобати образнок ифода намудани матлаб ба ӯ кумак кардаанд;

в) ба тасвироти адиб тобиши халқӣ бахшида, ҷиҳати эҳсосотӣ ва экспрессивии забони шеъру ҳикояҳои ӯро баланд бардоштаанд;

г) барои табиӣ баромадани тасвироти муаллиф ва айнан ба қалам овардани воқеаю ҳодисаҳои мавриди тасвир хизмат намудаанд.

11. Адиб дар мавриди истифода аз диалектизмҳо кӯшиш кардааст, ки маъно ва муҳтавои онҳо ба хонанда номаълум набошад. Ин аст, ки дар бисёр маврид ӯ аз роҳҳои шарҳи дохилиматнӣ ва беруназматнии диалектизмҳо кор гирифта, вожаҳои лаҳҷавиро дар қавсайн, ё дар поварақ ва ё дар дохили матн бо синонимҳои ҳамафаҳмашон эзоҳ додааст.

12. Б. Раҳимзода дар роҳи иҷрои аҳдоф ва мароми эҷодии худ аз навъҳои мухталифи диалектизмҳо истифода намудааст, ки теъдоди зиёди онҳо ба истилоҳ аз диалектизмҳои хоссаи лексикӣ иборат мебошанд. Ин ба он хотир аст, ки ин навъи диалектизмҳо аз воситаҳои хеле хуби ҷоннок, табиӣ ва дар гардиш ба тасвир гирифтани ҳодисаву воқеаҳои тасвиршаванда ҳисоб меёбанд [5-М].

13. Диалектизмҳои лексикӣ, ки мавриди истифодаи ин адиб қарор гирифтаанд, аз диалектизмҳои лексикии хосса, семантикӣ ва этнографӣ иборатанд. Ӯ аз ду гурӯҳи диалектизмҳои лексикии хосса – маҳдудистеъмол ва фарохистеъмол истифода бурдааст, ки диалектизмҳои маҳдудистеъмол бо мақсади таъмини ҷиҳатҳои услубии забони шеъру ҳикояҳо истифода шуда бошанд, диалектизмҳои фарохистеъмол ба хотири умумӣ намудани иддае аз онҳо ва бо ин роҳ мукаммал сохтани ҷоҳои холии луғати забони адабии тоҷикӣ мебошад [6-М].

14. Диалектизмҳои семантикӣ дар таълифоти Б. Раҳимзода вазифаи муайяни услубӣ доранд. Вазифаи онҳо, асосан, аз фардӣ кардани нутқи персонажҳо иборат мебошад, аммо зиёдаравӣ кардан дар истеъмоли онҳо тааммул меҳоҳад, чунки муродифҳои меъёрии қисме аз онҳо дар гуфтори омма нисбатан фаъолтаранд [7-М].

15. Тасвири ҳодисаҳо дар асарҳо аз Б. Раҳимзода тақозо кардааст, ки ӯ аз истилоҳоти таборӣи мавзеъҳои гуногуни Тоҷикистон истифода барад. Воқеан, қисме аз ин истилоҳот, ки хусусияти таърихӣ дошта, аз давраҳои қадими рушди забонҳои эронӣ ибтидо мегиранд, метавонанд муодилҳои начандон маъмули худро, ки дар забони тоҷикӣ роиҷанд, бо созгортараш иваз намояд.

16. Барои воқеӣ, табиӣ ва боварибахш тасвир намудани рӯзгор, зиндагӣ ва кору пайкори персонажҳо Б. Раҳимзода дар шеъру қиссаҳои худ аз диалектизмҳои этнографӣ истифода бурдааст. Ғолиб он аст, ки тавассути навиштаҷоти ин адиби маъруф истилоҳоти мухталифи марбут ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми тоҷик пешкаши умум гардидаанд. Аксарияти ин воҳидҳои луғавӣ, ки дар забони адабӣ муродиф надоранд, дар бобати айнан ба қалам гирифтани ҳодисаҳои тасвиршаванда, нишон додани ҷараёни фаъолияти мардум дар ин ё он бахши зиндагӣ махсус вазифаҳои услубиро ба ҷо овардаанд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Таҳқиқи ҷанбаҳои назарӣ ва амалии рисола водор менамояд, ки барои татбиқи амалии натиҷаи кори диссертатсионӣ чунин тавсияҳоро пешниҳод намоем:

1. Азбаски асолати забони миллӣ дар забони мардумӣ инъикос ёфтааст, дар оянда омӯхтани онҳо барои ифодаи маънои матлуб ва пурра кардани таркиби луғавии забони муосири тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Албатта, қаблан онҳоро суфта ва ба меъёри забони адабӣ мувофиқ кардан лозим аст.

2. Ба туфайли таҳқиқи диалектизмҳо муайян кардани падидаҳои ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти мардум алоқаманд имконпазир мегарданд.

3. Ҳангоми таълифи асарҳои бадеӣ (назм, наср) ва бадеӣ-публисистӣ барои фардӣ кунонидани образи қаҳрамону персонажҳо нависандагону рӯзноманигорон бояд меъёри истифодаи диалектизмҳоро донанд ва рисолаи мазкур метавонад ҳамчун роҳнамо ба онҳо хизмат кунад.

4. Омӯзиши диалектизмҳо, ҳудуд ва мавқеи истифодаи онҳо имкон медиҳад, ки меъёри забони адабӣ дар истеъмоли воҳидҳои забон риоя карда шавад, зеро ҳар як лаҳҷа на фақат умумият, балки тафовут ҳам дорад.

**Муҳимтарин нуктаҳои диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

**1. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**[1–М].** Саидова С. Г. Таъбироти халқӣ дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 4 / 3 (88). – Душанбе: Сино, 2012. – С. 82 – 85.

**[2–М].** Саидова С. Г. Таваҷҷуҳи устод Боқӣ ба забони халқ / С. Г. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 4 / 6 (97). – Душанбе: Сино, 2012. – С. 129 – 133.

**[3–М].** Саидова С. Г. Оид ба мафҳуми диалектизм / С. Г. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 4 / 3 (113). – Душанбе: Сино, 2013. – С. 76 – 81.

**[4–М]**. Саидова С. Г. Навъҳои диалектизмҳо дар асарҳои бадеӣ / С. Г. Саидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – № 4 (53). – Душанбе, 2013. – С. 306 – 311.

**[5–М]**. Саидова С. Г. Диалектизмҳои лексикии зарфӣ дар нигоришоти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – №2 (84). – Душанбе, 2020. – С. 20-24.

**[6–М]**. Саидова С. Г. Диалектизмҳои иқтибосии туркӣ-ӯзбекии фарохистеъмол ва маҳдудистеъмол дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 4 / 6. – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2020. – С. 42-46.

**[7–М].** Саидова С. Г. Диалектизмҳои семантикӣ дар таълифоти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Паёми Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода. – № 2 / (38). – Душанбе, 2020. – С. 45 – 50.

**[8–М]**. Саидова С. Г. Хусусиятҳои услубии диалектизмҳои иқтибосӣ дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Научное знание современности. – Россия, Казань, 2020. – № 7. – С. 5-13.

**II. Маҷалла ва маҷмуаҳои илмии дигар**

**[9–М].** Саидова С. Г. Унсурҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Маҷмӯаи илмии кафедраи забони тоҷикии ДДОТ ба номи С. Айнӣ: «Қавӣ дар луғат буду дар наҳв чуст». – Душанбе, 2011. – С. 126 – 135.

**[10–М]**. Саидова С. Г. Диалектизмҳои иқтибосӣ-русӣ дар эҷодиёти Боқӣ Раҳимзода / С. Г. Саидова // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ ва оммавии устодони ДОТ дар ноҳияи Рашт. – Душанбе, 2016. – С. 88-93.

**[11–М]**. Саидова С. Г. Фардӣ намудани нутқи персонажҳо тавассути диалектизмҳо / С. Г. Саидова // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии “Рушди забони адабии тоҷик дар замони истиқлол: мушкилот ва дурнамо” (15-уми июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 129-135.

*На правах рукописи*

**УДК:811.21/22**
**ББК:81.2 (2.Т)**
**С-14**

**САИДОВА САЙЁРА ГАДОХМАДОВНА**

# ЛЕКСИЧЕСКИЕ ДИАЛЕКТИЗМЫ И ИХ СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ В ТВОРЧЕСТВЕ БОКИ РАХИМЗАДЕ

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т

**диссертации на соискание ученой степени**
**кандидата филологических наук по специальности: 10.02.01- таджикский язык**

**Душанбе – 2022**

Работа выполнена на кафедре современного таджикского языка Таджикского национального университета

**Научный руководитель**: **Исмоилов Шамсулло** – доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка ТГИЯ им С. Улугзода

**Научный консультант:** **Мирзоева Мохира Мадиброхимовна** – доктор филологических наук, профессор кафедры стилистики и литературного редактирования Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Нозимов Абдулхамид Абдуалимович** – доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой языков и гуманитарных дисциплин ГОУ «Филиала Национального исследовательского технологического университета «МИСиС» в городе Душанбе»

**Амлоев Аминджон Ятимович** – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка Российско-Таджикского (славянского) университета.

**Ведущая организация:** **Инистут языка и литературы имени Рудаки НАН РТ**

Защита состоится “06“ октября 2022 года “15:$^{00}$” часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-021 при Таджикском национальном университете (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус №10 ТНУ, зал Ученого совета факултета таджикской филологии, №503).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке Таджикского национального университета и на сайте www.tnu.tj (734025, Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17).

Автореферат разослан “___”____________ 2022 г.

Учённый секретарь диссертационного совета, д.ф.н., профессор Джураева М. Р.

# ВВЕДЕНИЕ

Настоящее исследование посвящено лексическим диалектизмам и их стилистическим особенностям в творчестве Боки Рахимзаде. В таджикском языкознании изучения языка художественной литературы началось с прозаических произведений, и родоначальником данного направлении является Н. Масуми. В начале 50-х годов XX века в качестве объекта своего исследования он избрал язык и стиль повести С. Айни «Смерть ростовщика», которое в 1959 в расширенном варианте было издано в виде отдельной монографии. В течение 60-70-ых годов прошлого столетия появились исследование Р. Гаффорова о языке романа Р. Джалила «Одамони ҷовид» и Б. Камолиддинова, посвященное языку и стилю Хакима Карима.[1] Язык и стиль повести С. Айни «Одина» был исследован Х. Хусейновым.[2] И. Хасанов рассматривал фразеологию романа Дж. Икроми «Духтари оташ» (Дочь огня), а М. Юсупова – фразеологию романа Айни «Дохунда». Вслед за М. Юсуповой М. Холов написал кандидатскую диссертацию, где анализу были подвергнуты лексические особенности этого же романа, т.е. «Дохунда».[3] В последние годы XX в. и начале XXI в. появились исследования по лингвистическим особенностям произведений Ф. Мухаммадиева со стороны Т. Шокирова, стилистическим функциям диалектных слов в творчестве Дж.Икроми – Ш. Рахимовой, семантико-семантическим особенностям синонимов в трилогии Дж. Икроми «Двенадцать ворот Бухары» – Н. Хикматуллоевым, лексико-семантическим особенностям исторической прозы (на материале прозы С. Улугзаде) – М. Олимджоновым.[4] Но изучение языка поэзии началось с конца 70-х годов XX века. Первой научной работой такого формата является диссертация А. Абдукодирова, посвященная языку поэзии М. Турсунзаде.[5]

---

[1]Ғафforов Р.Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси маводи романи “Одамони ҷовид”) / Р. Ғафforов. – Душанбе:Дониш,1996. – 223 с.; Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон,1967. – 185 с.

[2] Ҳусейнов Х. Забон ва услуби “Одина” - и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 254 с.

[3]Хасанов И. Лексика и фразеология романа Джалола Икроми «Духтари оташ»: Автореф… дис… канд…филол… наук / И. Хасанов. – Душанбе, 1966. – 24 с., Юсупов Х. Лексические особенности языка произведений Садриддина Айни: Автореф… дис… канд…филол… наук / Х. Юсупов. – Душанбе, 1971. – 22 с.; Юсупова М. Фразеология романа С. Айни “Дохунда”: Автореф… дис… канд…филол… наук / М. Юсупова. – Душанбе, 1972. – 23 с., Холов И. Лексика романа “Дохунда” Садриддина Айни: Автореф… дис… канд…филол… наук / И. Холов. – Душанбе, 1972. – 22 с.

[4]Эшниёзов М. Шеваи ҳардурӣ / М. Эшниёзов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 230 с.; Раҳимова Ш. С. Диалектные элементы и их стилистические функции в художественной литературе (на основе произведений Джалола Икроми): Автореф… дис… канд…филол… наук / Ш. С. Рахимова. – Душанбе, 1992-25с. Хикматуллоев Н. Семантико-стилистические особенности лексических синонимов в трилогии Джалола Икроми «Двенадцать ворот Бухары»: Автореф… дис… канд…филол… наук / Н. Хикматуллоев. – Душанбе, 1993. – 15 с., Олимджонов М. О Лексико-стилистические особенности исторической прозы (на материале творчество С. Улугзаде): Автореф… дис… канд…филол… наук/ М. О. Олимджонов. – Душанбе, 2002. – 23 с.

[5] Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Адбуқодиров. – Душанбе: Дониш, 1988. – 124 с

В это же время появилось исследование С. Сабзаева, посвященное языку и стилю поэтов-просветителей.[6] В самом начале XXI в. были изданы работы К. Мухтори и Ш. Исмоилова, в котором рассматривались лексико-семантические особенности творчество Рудаки и поэмы Гулрухсор «Мотами сафед».[7] Тем временем были защищены кандидатские диссертации Ю. Нурмухаммедова – «Лексические категории и их стилистические особенности в творчестве Лоика Шерали» и Дж. Саидовой «Диалектизмы и их стилистические особенности в произведениях Абдулхамида Самада».[8]

Как видно, до сегодняшнего дня лексико-стилистические особенности художественных произведений всех таджикских писателей, включая и Баки Рахимзаде, ещё не подвергались исследованию. В то время как тотального изучения лексики, грамматических и стилистических отличительных черт поэтического наследия известных поэтов 30-80 годов XX века, без раскрытия их мастерства в словопроизводстве и словообразовании невозможно представить развитие, состояние норм таджикского языка того исторического периода, именно этого требует современное состояние таджикского языка в статусе государственного. Именно данным обстоятельством и объясняется необходимость исследования в монографическом плане диалектизмов в творчестве Б. Рахимзаде.

**Актуальность темы исследования.** Литературный язык и местные диалекты всегда считались самостоятельными ветвями национального языка, однако между ними продолжает происходить постоянное взаимовлияние. На начальных этапах своего развития литературный язык весьма активно заимствовал из диалектов лексические элементы и грамматические формы, что способствовало, в свою очередь, расширению границ их функционирования. Надо отметить, что диалектизмы проникали в литературный язык различными путями, среди которых наиболее продуктивными являются печать, радио и телевидение, художественная литература, сценическая речь актёров и т.д.

Без всестороннего изучения лексико-грамматического богатства произведений известных поэтов того времени нельзя дать достоверную оценку развитию, состоянию и функционированию нормативного таджикского языка в тот или иной исторический период развития

[6] Сабзаев С. М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.

[7] Мухторӣ Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2006. – 129с., Исмоилов Ш. Як омили халқияти забони асари бадеӣ / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2012. – 218 с.

